В результате обследования жилищ XX-начала XXI вв. в малых городах и поселках городского типа Северного Таджикистана в его горных, предгорных и долинных районах получен значительный фактический материал, позволивший на основе анализа планировочных решений и принципа организации жилых ячеек выделить особый тип жилища, (как городского, так и сельского) равнинного типа в Узбекистане и Таджикистане. Этот тип жилища свойственный для малых городов исследуемого региона характеризуется как промежуточный между сельским и городским домом, вобравшему в себя как комфорт городской квартиры, так и дворовой усадебного типа жилого дома, тесно связанного с природной средой посредством двора, сада и элементом обводнения и ландшафтной организации территорий.

Помимо этого, жилой дом малого города с функциональным разделением жилых помещений промежуточным объемом айвана - помещением многоцелевого назначения, выполнявшего функции летнего навеса-веранды, распределительного вестибюля и кухни. Глубокое исследование средневековой и современной (нового времени) архитектуры Северного Таджикистана во всех ее проявлениях дает более углубленное представление о прошлом нашего народа, раскрывает традиции строительства древних зодчих, новые типы жилищного, общественного и бытового назначения, ранее неизвестные. Несомненно, это важно не только в познавательном смысле, но и с точки зрения творческого осмысления исторических традиций в современной архитектуре и принципов градостроительства МГСТ.

## Основные научные результаты диссертации

1. Архитектурно-исторические и археологические данные о формировании жилой застройки МГСТ выявили зависимость компонентов жилища от историко-градостроительных условий, жилищной культуры, профессий, социальных условий жителей, а также отличительных

архитектурных особенностей отдельных дворовых жилищ. по сравнению с массовым жильем [1-А; 3-А; 4-А].

2. В традиционном жилище айван и гостиная занимали особое место, а в XIX-XX вв. они считались неотъемлемой частью двора-хаули. В этот период в связи с требованиями климатических и природных условий Средней Азии, особенно МГСТ, айван приобрел характер универсально-многоцелевого назначения [14-А; 15-А].

3. Гармония и связи народов Средней Азии издревле с интеграцией традиций и культур повлияли на строительство и архитектуру жилища, став надежной базой для инноваций в архитектуре и градостроительстве Северного Таджикистана [8-А; 16-А].

4. В связи с особенностями формирования архитектурно-планировочной структуры малые города Северного Таджикистана подразделяются по величине на 3 группы: [4-А; 5-А; 7-А];

- от 10 до 20 тыс. чел., - средние малые города (Гулистон, Истиклол и Бустон);

- от 20 до 50 тыс. чел. - крупные малые города (Исфары и Канибадам, а также ПГТ Навкат и Шайдон).

5. Развитие МГСТ в групповых формах расселения создает для них следующие преимущества [13-А, 15-А, 27-А]:

- развитие агропромышленного сектора [13-А];

-возможность укрупнения учреждений культурно–бытового обслуживания для обеспечения населения МГСТ всех трех ступеней обслуживания [19-А];

- возможность обеспечения полной занятости свободных трудовых ресурсов, развитие малого и среднего бизнеса [14-А];

- постепенное превращение малых населенных мест из автономных образований в структурные элементы формирующихся систем расселения (развитие производство на основе местного сырьё) [27-А];

- усиление межселенных связей (внесезонная транспортная связь) [18-А];

- дифференциация функций между джамоатами, формирование специализированных городов и поселков (агрокомплексы, образование, туризм, промышленное производство и т.п.) с центральным городом системы расселения;

- интеграция функций малых населенных мест, развитие многофункциональных поселений (комплекс АПК, управление, образование, ремесла и т.п.) [33-А];

- развитие отдельных малых населенных пунктов в качестве местных центров (райцентры, объединяющие джамоаты сел) [2-А; 5-А].

6. Большинство МГСТ являются центрами культурно-бытового обслуживания населения аграрно-промышленных районов, сосредоточенного в поселениях различного типа, как исторического (Гулистон, Истиклол, Шайдон. Ганчи), так и недавно созданной (поселках городского типа Бустон и Зафарабад) [1-А; 7-А].

7. Формирование жилых зданий МГСТ в XX веке преодолело несколько стадии исторического пути развития, которые разделяются на четыре этапа [13-А]:

- довоенный этап (1917-1941 гг.);
- этап послевоенного десятилетия (1945-1955 гг.);
- этап современного зодчества (1960-1990-е годы);
- четвертый (незавершенный) этап новейшей архитектуры (1991 - 20-е годы XXI века).

8. Третий этап дополнительно подразделяется на три хронологических периода со своими специфическими особенностями развития [13-А]:

- конец 1950-х-60-е годы;
- конец 1960-х-70-е годы;
- 80-е-начало 1990-х годов.

9. В современной архитектуре жилища МГСТ выделилась местное сравнительно новое направление – «архитектура местной инициативы» [7-А].

10. Исторические и многосторонние связи между странами Центральной Азии, Кавказа и Ближнего Востока заложили прочную основу для развития новаторства, особенно в архитектуре жилище МГСТ [8-А; 9-А].

11. Жилище МГСТ в основном характерно принадлежностью к ферганской школе зодчества, которой свойственно свободная планировка и слияние ее с окружающей природной средой внутреннего двора и сада жилищ [11-А; 12-А].

12. Планировочная структура и объемно-пространственное решение жилище МГСТ основаны и отличает на замкнутости улицы к прилегающих территорий, гармонии открытых пространств (айван) с закрытыми и полузакрытыми помещениями по отношению к двору [4-А, 6-А].

**Рекомендации по практическому использованию результатов**

1. В условиях МГСТ желательно сочетание в застройке жилых комплексов домов различных типов и этажности, которое диктуется соображениями как демографического, так и эстетического характера.

2. В зависимости от климатических условий Северного Таджикистана при строительстве жилых домов следует соблюдать следующие требования:

-композиционно-типологическими особенностями проектирования жилых домов в жарких и сухих условиях являются компактная конструкция и высокое пространство помещения с большой глубиной и размещением в виде конверта;

- использование плоских глиняных кровель и т.д. считаются испытанным опытом тысяч лет народной архитектуры, сохраняет тепло в помещениях зимой по отношению к северу на 4-5 градусов С$^{o}$, период отопления сокращается до 1 месяца, а использование открытых помещений может быть увеличено до 2 месяцев.

3. Реконструкция МГСТ предполагает формирование архитектурно - градостроительной структуры, на основе продолжения ценных исторических традиций, сохранения богатой самобытности прошлого и ее преемственности.

4. Перспективные задачи развития МГСТ должны предусматривать:

- переход к формированию жилой застройки, отвечающей особенностями малого города;

- последовательное развитие жилой застройки от современных комплексов к перспективным объемно - пространственным жилым структурам, максимально связанным с окружающей природной средой (ПГТ Шайдон и Ганчи, расположенные на среднегорья).

5. Малоэтажную застройку МГСТ по величине участков следует подразделяет на три категории:

- усадебный одноквартирный жилой дом площадью участка от 300 до 1000 м$^2$;

- двухквартирные жилые дома с площадью участка до 200м$^2$;

- многоквартирные 2–х этажные дома с небольшими приквартирными участками площадью 100–150 м$^2$.

6. Социальные требования к жилой застройке в МГСТ должны включать следующие:

- размер и состав семьи, демографические особенности, гендерные и возрастные проблемы, а также этапы жизни жителей;

-характеристики и потребности различных социальных групп в целях улучшения условий жизни;

-специфика профессий, быта и проживания в определенных климатических, природных, градостроительных условиях и национальных традиций;

-естественный рост населения, его потребностей, изменение образа жизни и занятности.

7. Таджикские архитекторы, в частности, Северного Таджикистана, проектирующие жилища для малых городов, должны опираться на позитивные стороны местного народного жилого зодчества, что позволит обеспечить необходимую преемственность в организации жилой среды и придаст современному дому индивидуальность и своеобразие, столь характерные для народного зодчества легкость и динамичность архитектурных форм каркасных жилищ, асимметричность и живописность плановых решений.

8. Чтобы сблизить общетеоретические посылки о национальном и региональном с реальной архитектурой МГСТ, необходимо:

- акцентировать внимание на пространственную организацию жилой среды и его структурных элементов;

- выявление в них традиций местной культуры и регионального своеобразия.

**Основное содержание диссертации изложены в следующих публикациях:**

*Статьи в научных журналах Перечня ВАК при Президенте Республики Таджикистан:*

[1-А] **Зокиров, Р.Ш.** Типология городов Северного Таджикистана позднего средневековья и Нового времени [Текст]/ Р. Ш. Зокиров // Муаррих – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. №3(31). -С. 56-64, ISSN: 2709-7382.

[2-А] **Зокиров, Р. Ш.** Анъанаҳои меъморӣ дар бунёди манзилҳои истиқоматии шимоли Тоҷикистон (асри XIX – ибтидои асри XX) [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Муаррих – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. №4(32). -С. 74-84, ISSN: 2709-7382.

[3-А] **Зокиров, Р. Ш.** Хусусияти инкишофи биноҳои истиқоматии шаҳрҳои миёнаи таърихии шимоли Тоҷикистон дар асри XX [Текст]/ С. Р. Мукимова, Р. Ш. Зокиров // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования – Душанбе: ТТУ им. ак.М.С.Осими, 2023. №1 (61), -С. 150-157, ISSN: 2520-2227. (0,8 п.л., в соавтор., – 0,4 п.л.).

[4-А] **Зокиров, Р. Ш.** Биноҳои истиқоматии шаҳракҳои таърихии шимоли Тоҷикистон дар асри XX [Текст] / Р.Ш. Зокиров. // Вестник Таджикского Национального Университета, серия исторических наук, –Душанбе, 2023. №5. Изд-во "Сино" -С. 146-154, ISSN 2074-1847.

[5-А] **Зокиров, Р. Ш.** Муҳити зисти шаҳракҳои таърихии Тоҷикистони шимолӣ дар асрҳои XVI-XX [Текст] / М.У. Шерматов, Р. Ш. Зокиров //Вестник Таджикского Гос. Педагогического Университета, серия исторических наук, г. Душанбе: Маъво, №2 2023 -С. 142-151, ISSN 2219-5408. (1,0 п.л., в соавтор., автором – 0,5 п.л.).

[6-А] **Зокиров, Р. Ш.** Мавқеи манзилҳои инфиродӣ дар ташаккули муҳити зисти шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон [Текст] / Р.С. Мукимов, Р. Ш. Зокиров // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования - Душанбе: ТТУ им. ак.М.С.Осими, 2023, №2 (62). -С. 176-183, ISSN: 2520-2227. (0,8 п.л., в соавтор., автором – 0,4 п.л.).

[7-А] **Зокиров, Р. Ш.** Суннатҳои меъмории манзили шаҳраки Ғончӣ дар асрҳои XIX -ибтидои XX [Текст] / Р.Ш. Зокиров //Вестник Таджикского Национального Университета, серия исторических наук, - Душанбе: Изд-во "Сино" №7. 2023, -С. 146-154, ISSN 2074-1847.

[8-А] **Зокиров, Р.Ш.** Аз таърихи меъмории манзили истиқоматӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX-и шимоли Тоҷикистон [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Муаррих – Душанбе: Ганҷи хирад, 2023. №4 (36). -С. 58-70, ISSN: 2709-7382.

[9-А] **Зокиров, Р. Ш.** Отражение социальных требований в архитектурных решениях индивидуальных домов в Северных городах Таджикистана [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Политехнический вестник. Серия:

Инженерные исследования - Душанбе: ТТУ им. ак. М.С.Осими, 2023, №3 (63). -С. 176-183, ISSN: 2520-2227.

[10-А] **Зокиров, Р. Ш.** Равандҳои ташаккули меъмории манзилҳои истиқоматии аз нав бунёдшаванда дар шаҳракҳои хурди таърихӣ [Текст] / Р.Ш. Зокиров //Вестник ТНУ, серия исторических наук, - Душанбе: Изд-во “Сино” №1, 2024, -с.33-37, ISSN 2074-1847.

[11-А] **Зокиров, Р. Ш.** Нигоҳе ба таърихи фарҳанги манзили тоҷик [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Вестник Таджикского Национального Университета, серия исторических наук, - Душанбе: Изд-во “Сино” №4, 2024, -с.64-70.

[12-А] **Зокиров, Р. Ш.** Мавқеи анъанаҳои меъмории халқӣ дар рушди шаҳракҳои бостонӣ [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования - Душанбе: ТТУ им. ак.М.С.Осими, 2024, №2 (68). -С. 171-177.

[13-А] **Зокиров, Р. Ш.** Руҷӯе ба таърихи фарҳанги манзилдории тоҷик [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Муаррих – Душанбе: Ганҷи хирад, 2024. №3 (39). -С. 138-155

[14-А] **Зокиров, Р. Ш.** Баъзе заминаҳои ташаккули муҳити зисти шаҳрӣ (дар мисоли шимоли Тоҷикистон дар асри XX [Текст] // Вестник Таджикского Национального Университета, серия исторических наук, - Душанбе: Изд-во “Сино” №10, 2024, -с.97-103, ISSN 2074-1847.

*Статьи в материалах конференции и других изданиях:*

[15-А] **Зокиров, Р.Ш.** Городские поселений Северного Таджикистана во второй половине XIX - XX вв. [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Материалы международной научно-практической конфренции на тему “Архитектура и градостроительство Таджикистана: вчера, сегодня, завтра”, ТТУ им. ак. М.С.Осими. –Душанбе, 24-25 ноября 2022 г. том 2, РИК ТТУ, –С. 24-28.

[16-А] **Зокиров, Р.Ш.** Социально-демографические предпосылки формирования жилища в XX веке (на примере малых городов Северного Таджикистана). [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Материалы межд. научно-прак. конф. “Архитектура и градостроительство Таджикистана: вчера, сегодня, завтра”, ТТУ им. ак. М. С. Осими. –Душанбе, 24-25 ноября 2022 г. том 2, РИК ТТУ -С. 28-32.

[17-А] **Зокиров, Р.Ш.** Традиционное жилище Северного Таджикистана конца XIX в. [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Материалы международной научно-практической конфренции на тему “Архитектура и градостроительство Таджикистана: вчера, сегодня, завтра”, ТТУ им. ак. М.С.Осими. – Душанбе, 24-25 ноября 2022 г. том 2, РИК ТТУ -С. 32-35.

[18-А] **Зокиров, Р.Ш.** Рисолати шаҳракхои бостонӣ-ҳифзи анъанаҳои меъморӣ [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Материалы международной конфренции на тему “Проблемы развития архитектура и строительство Таджикистан”, ХПИТТУ. – Худжанд: Ношир 2 июня 2023, -С. 48-51.

[19-А] **Зокиров, Р.Ш.** Заминаҳои стратегии рушди масоили манзил [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Материалы межд. научно-практ. конф.“Проблемы развития архитектура и строительство Таджикистан”, ХПИТТУ. – Худжанд: Ношир, 2 июня 2023, -С. 51.
[20-А] **Зокиров, Р.Ш.** Анъана ва нававарии манзилҳои шахсӣ дар шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Материалы межд. научно-практ. конф. на тему “Проблемы развития архитектура и строительство Таджикистан”, ХПИТТУ. – Худжанд: Ношир, 2 июня 2023 , -С. 56-60.
[21-А] **Зокиров, Р.Ш.** Лоиҳакашӣ ва бунёди манзилҳои миёнаошёна заминаи рушди шаҳракҳо [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Республиканская научно-практическая конференция ”Проблемы и основные направления развития легкой промышленности Республики Таджикистан” ХПИТТУ им. ак. М.С.Осими. г. Худжанд. 29 мая 2021 г. –С. 61-67.
[22-А] **Зокиров, Р.Ш.** Анъана ва навовариҳо дар манзилҳои шаҳрҳои хурд бунёдшаванда [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Республиканская научно-практическая конференция ”Проблемы и основные направления развития легкой промышленности Республики Таджикистан” ХПИТТУ им. ак. М.С.Осими. г. Худжанд. 29 мая 2021 г. –С. 67-72.
[23-А] **Зокиров, Р.Ш.** Особенности архитектуры индивидуальной жилище Согдийской области [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Республиканская научно-практическая конференция ”Развитие промышленности Республики Таджикистан и к дню Таджикской науки” ХПИТТУ им. ак. М.С.Осими. г. Худжанд. 29 апреля 2022 г. –С. 334-342.
[24-А] **Зокиров, Р.Ш.** Некоторые вопросы архитектуры жилищ Северного Таджикистана [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Республиканская научно-практическая конференция ”Современные проблемы в архитектуре, строительстве и на транспорте” ХПИТТУ им. ак. М.С.Осими. г. Худжанд. 21 апреля 2023 г. –С. 50-52.
[25-А] **Зокиров, Р.Ш.** Традиции и особенности формирования современного сельского национального жилища [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Республиканская научно-практическая конференция ”Современные проблемы в архитектуре, строительстве и на транспорте” ХПИТТУ им. ак. М.С.Осими. г. Худжанд. 21 апреля 2023 г. –С. 52-56.
[26-А] **Зокиров, Р.Ш.** Традиции в народном зодчестве Северного Таджикистана [Текст] / Р. Ш. Зокиров // Республиканская научно-практическая конференция ”Современные проблемы в архитектуре, строительстве и на транспорте” ХПИТТУ им. ак. М.С.Осими. г. Худжанд. 21 апреля 2023 г. -С 56-59.
[27-А] **Зокиров, Р.Ш.** Вижагиҳои муҳити истиқоматии шаҳрҳои хурд [Текст] /Р.Ш. Зокиров // Материалы XI научно-практической конференции «Перспективы развития науки и образования в XXI веке» - Худжанд: ХПИТТУ, 20 апреля 2024. -Ношир, -С. 56-61.

[28-А] **Зокиров, Р.Ш.** Заминаҳои иҷтимоии инкишофи инфрасохтори истиқоматии шаҳракҳо [Текст] / Р.Ш. Зокиров // Материалы XI научно-практической конференции «Перспективы развития науки и образования в XXI веке» -Худжанд: ХПИТТУ, 20 апреля 2024. -Ношир, -С.56-61.
[29-А] **Зокиров, Р.Ш.** Влияние климатических факторов на формирование населенных мест [Текст] / Р. Ш. Зокиров, А. А. Каюмов // «Интерактивная наука», ISSN 2414-9411 2020, №1 (47), - Чебоксары, МЦНС «Наука», -С. 36-37. DOI 10.21661/r-529547.
[30-А] **Зокиров, Р.Ш.** Принципы функционально планировочного зонирования жилищ малых городов Таджикистана [Текст] / Р. Ш. Зокиров, Б.В. Нормуротов // Международный научный журнал «Интерактивная наука», 2020, №1 (47), - Чебоксары, МЦНС «Наука», ISSN 2414-9411 -С. 34-35. DOI 10.21661/г -519499.
[31-А] **Зокиров, Р.Ш.** Градостроительные требования к архитектуре жилой среды малого города [Текст] / Р. Ш. Зокиров, // Международный научный журнал «Интерактивная наука», - Чебоксары, МЦНС «Наука», ISSN 2414-9411, №2 (88) 2024, DOI 10.21661/r-561803, -С. 45-47.
[32-А] **Зокиров, Р.Ш.** Архитектурно-планировочные проблемы жилищ малых городов Северного Таджикистана [Текст] / Р. Ш. Зокиров, М. Аминзода // Международный научный журнал «Интерактивная наука» -Чебоксары, МЦН «Наука», ISSN 2414-9411, №2 (88) 2024, DOI 10.21661/r-561802, -С. 47-49.
[33-А] **Зокиров, Р.Ш.** Архитектура жилища малых исторических городов Северного Таджикистана [Текст] / Р. Ш. Зокиров, З. Олимзода // Международный научный журнал «Флагман науки», №3(14) 2024, -С. 17-20. ISSN 2949-1991, - СПб, DOI 1 0.37539/2949-1991.2024.3.14.002
[34-А] **Зокиров, Р.Ш.** Архитектура реконструируемых жилых домов малых исторических городов [Текст] / Р. Ш. Зокиров, // Международный научный журнал «Флагман науки», №3(14) 2024, -С. 15-17. ISSN 2949-1991 - СПб, DOI 10.37539/2949-1991.2024.3.14.006
[35-А] **Зокиров, Р.Ш.** Интерпретация архитектуры жилищ малых городов XX и начала XXI века (на примере Северного Таджикистана) [Текст] / Р.Ш. Зокиров //Сборник материалов II Всероссийской научно-практической конференции с международным участием «Современная наука и образование». –Чебоксары. 14 ноября 2024 г. -С. 223-226.
[36-А] **Зокиров, Р.Ш.** Народная архитектура горных поселений Северного Таджикистана (на примере долины Ягноб) [Текст] / Р.Ш. Зокиров, А.А. Маннонов //Сборник материалов II Всероссийской научно-практической конференции с международным участием «Современная наука и образование: выбор будущего». –Чебоксары. 14 ноября 2024 г. -С. 226-229.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН
ба номи академик М. С. Осимӣ

ВБД 728,711.435 (575.3)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ЗОКИРЗОДА Раҳимҷон Шариф**

# ТАШАККУЛИ МЕЪМОРИИ БИНОҲОИ ИСТИҚОМАТӢ ДАР ШАҲРҲОИ ХУРДИ ТАЪРИХИИ ШИМОЛИ ТОҶИКИСТОН ДАР АСРИ XX –ИБТИДОИ АСРИ XXI

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади меъморӣ аз рӯйи ихтисоси
05.23.00 –Сохтмон ва меъморӣ
(05.23.20- Назария ва таърихи меъморӣ,
тармим ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ)

Душанбе – 2025

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи «Меъморӣ ва шаҳрсозӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Муқимова Сайёра Рустамовна**, доктори меъморӣ, дотсент, мудири кафедраи «Меъморӣ ва шаҳрсозӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик. М.С.Осимӣ

**Муқарризони расмӣ**: **Юсупова Мавлюда Аминджановна,** доктори меъморӣ, профессор, Директори Донишкадаи Байналмиллалии тадқиқотии «Роҳи абрешим» дар назди Донишгоҳи Байналмиллалии туризм ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим», ш. Самарқанд, Ҷумҳурии Узбекистон

**Соҳибназарзода Мирзоназар Давлат**, номзади илмҳои таърих, Мудири кафедраи дизайни либос ва санъати муди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар**: Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи таърихи санъат)

Ҳимояи диссертатсия санаи 23 сентябри соли 2025 соати 14.00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ бо суроғаи: 734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10А баргузор мегардад. E-mail: dis.sia@mail.ru

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи www.ttu.tj Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи 10 июни соли 2025 ирсол шуд.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори PhD Шокиров Р.М.

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Муҳити истиқоматӣ - падидаи асосии таърихию фарҳангии фаъолияти бунёдкорию созандаи инсоният аст. Сатҳ ва дараҷаи бунёди манзил ба ҳолати иқтисодию иҷтимоӣ ва хусусияти этникии истифодабаранда вобаста аст. Муқаррар намудани марҳилаҳои асосии рушди манзили анъанавӣ дар Шаҳрҳои Хурди Шимоли Тоҷикистон (минбаъд - ШХШТ)-ро мумкин аст тавассути марҳилаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳаёти этникии сокинони он арзёбӣ намуд.

Тайи даврони 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ормонҳои миллӣ вобаста ба арзишҳои фарҳанги моддӣ инкишоф ёфтанд. Ба ин муносибат дар солҳои охир ба омӯхтани мероси моддии фарҳангӣ, махсусан меъмории биноҳои истиқоматӣ бо мақсади боз ҳам инкишоф додан ва мустаҳкам намудани онҳо таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Аз ҷумла, дар ин замина соли 2006 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонун дар бораи ҳифзи мероси фарҳангӣ»-ро ба тавсиб расонид.

Гарчанде дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бисёр самтҳои меъмории биноҳои истиқоматӣ таҳқиқоти пурарзиш гузаронда шуда бошад ҳам, баъзе самтҳои он ба таҳқиқоти илмӣ фаро гирифта нашудаанд. Яке аз онҳо меъмории биноҳои истиқоматӣ дар шаҳрҳои хурди таърихии шимоли Тоҷикистон дар марҳилаи таърихии асри XX мебошад.

Дар ин замина дар шимоли Тоҷикистон якчанд шаҳракҳо ва маҳаллаҳои шаҳрӣ (минбаъд - ПТШ), аз қабили шаҳрҳои таърихии Исфара, Конибодом ва инчунин шаҳракҳои Ғончӣ, Навкат ва Шайдон, ки имрӯз дорои асолати таърихӣ мебошанд, таҳқиқ мешавад. Шаҳри Хуҷанд дар миқёси вилояти Суғд ҳамчун маркази агломератсияи бузург баррасӣ меравад. Бояд гуфт, ки тамоми шаҳрҳои хурд ва шаҳракҳои зикршуда дар рисолаи мазкур дар ҳудуди радиуси агломератсияи Хуҷанд ҷойгир шудаанд. Дар ин самт баррасӣ, омӯзиш, ҳифз ва рушди анъанаҳои миллии меъморӣ, махсусан барои тарбияи наслҳои оянда хело муҳим аст. Ҳамин тариқ, омӯзиши ин масъала ба таърихи амиқ, ба ташаккули хусусиятҳои меъморию бадеӣ, сохторӣ ва сохтмонии биноҳои истиқоматӣ дар минтақаи таҳқиқот ба ташаккули ягонагии шаҳрсозӣ мусоидат мекунад, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад, вобастагӣ дорад.

Ҷанбаҳои дар боло зикршуда интихоби моро дар мавзӯи таҳқиқоти илмии «Ташаккули меъмории биноҳои истиқоматӣ дар шаҳракҳои хурди таърихии шимоли Тоҷикистон дар асри XX – ибтидои асри XXI» муайян

намуданд, ки онро метавон дар шакли якчанд **муқаррарот оид ба аҳамияти рисолаи илмӣ** масъалагузорӣ намуд:

- таърихи ташаккули манзил, генезис ва таҳаввули он ҳамчун ҷузъи меъмории халқӣ, қисми таърихи меъмории миллӣ буда, омӯзиши он имкон медиҳад, ки сифатҳои мусбати он барои амалияи тарҳрезии муосир мувофиқро муайян намоем;

- дар ибтидои солҳои 2000-ум ҳуввияти асолати миллӣ махсусан муҳим гардид, ки онро бидуни таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба омӯзиши мероси меъморӣ ва бадеии манзилҳои истиқоматӣ, на танҳо бо мақсади рушду тақвияти минбаъдаи онҳо амалӣ кардан мумкин нест, балки инчунин муайян кардани решаҳои амиқ, ки бе онҳо ҷузъи миллии меъмории манзилро дарк намудан имконнопазир аст;

- инкишофи шаҳрҳои хурди шимоли Тоҷикистон низ муҳим буда, хусусияти хоси меъморӣ, вижагиҳои этногенетикии махсус, ки дар давоми асрҳо на танҳо дар зери таъсири омилҳои табиию иқлимӣ, инчунин шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва этникӣ ба вуҷуд омадаанд;

- баробари баррасии объектҳои меъмории биноҳои истиқоматӣ дар шаҳрҳои гуногуни таърихӣ ва навбунёди хурду миёнаи шимоли Тоҷикистон имкон фароҳам меояд типологияи меъмории биноҳои истиқоматии шаҳрӣ, инчунин намудҳои санъати монументалию ороиширо таҳқиқ намуда, дар айни замон мероси аз нуқтаи назари мактаби ташаккулёфтаи меъморӣ бо фарзияҳои пешбари эҷодӣ барои рушди онҳо дар амалияи муосири меъморӣ ва сохтмон баррасӣ мегардад;

- нақши таҳқиқоти меъмории биноҳои истиқоматии халқӣ дар рушди меъмории монументалӣ имкон медиҳад нишон диҳем, ки маҳз меъмории истиқоматӣ муҳитест, ки дар он усул ва шаклҳои меъмории монументалӣ (масҷиду мадраса, мақбараҳо, қасрҳо ва ғайра) аз асрҳои миёна такмил ёфтаанд, ки дар меъмории монументалии шаҳрҳои хурд низ онҳо таҷассуми эстетикии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистонро гирифтаанд;

- манзили муосири шаҳрӣ ҳануз дар самти ҷустуҷуҳои услубии меъмории муосир, асолат ва гуногунрангии худ қарор дорад, ки ин зарурати омӯзиши маданияти сохтмонии ҳунармандони мардумӣ, бастакории тарҳҳо, сохтори функсионалӣ ва алоқаи органикиро бо муҳити табиӣ ҳамоҳанг месозад.

**Дараҷаи тахқиқи мавзӯи илмӣ.** Таҳқиқоти васеъ ва ҳаматарафа дар самти меъмории биноҳои истиқоматӣ дар шаҳрҳои шимоли Тоҷикистон баъди таъсиси Ҳокимияти Советӣ бо ташаббуси муҳаққиқон М. Андреев, А. Семёнов, А.Ю. Якубовский, И. Смирнова, М. Ҳамидҷонова, В Л. Воронина, Н. Негматов, А.М. Мухторов ва дигарон амалӣ гардид. Муваффақиятҳои барҷастаи онҳо дар самти санъат ва меъморӣ аз

маданияти бойи меъмории кишварамон, таҳқиқи ҷиҳатҳои норавшани таърихи меъмории ватанӣ шаҳодат медиҳанд.

Масъалаи дигари илмии таърихи меъморӣ ва санъат ҳамоҳангсозӣ бо муҳит дар меъмории биноҳои истиқоматӣ буд, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар аксари давлатҳои ИДМ таҳқиқ карда шудааст. Махсусан, ба ҳалли масъалаи илмии баррасишаванда ҳиссаи бевоситаи олимони советӣ, мисли Ю. Яралова, С. Хон-Магомедова, В. Воронина, О. Халпахчян, И.В. Иконникова, В.Л. Хайта, О. Швидковский, В.Л. Глазичева, М.И. Остафева-Длугач, А. Прибиткова, И.Ф. Бородина ва муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили К.Танге, К.Курокава, Х.Фатҳӣ, Н.Арданян, И.Денкс, У.Кухитра ва дигарон калон аст. Ҳарчанд осори ин олимон ба меъмории Тоҷикистон бевосита алоқаманд нестанд, аммо ташаккули масъала ва диди равшани масъалагузории инкишоф додани анъанаҳои меъмории биноҳои истиқоматӣ дар хусусиятҳои гуногун барои баррасии ин мавзуъ, аз ҷумла дар шимоли Тоҷикистон муфид аст.

Таҳқиқоти илмии пурарзиши нимаи дуюми асри XX, ки дар маводҳои экспедитсияи ҳарбии Искандаркул, шӯъбаи Туркистонии Ҷамъияти Географии Рус ва дигар таҳқиқотҳои археологию этнографӣ инъикос ёфтаанд, аҳаммияти калон дорад. Ҳарчанд таҳқиқоти ин экспедитсияҳо ва ҷамъиятҳои илмӣ тасодуфӣ ва умумӣ бошад ҳам, онҳо яке аз иқдомҳои аввалине буданд, ки дар бораи мероси фарҳангии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, гарчанде нопурра, пароканда бошанд ҳам маълумоти муфид медиҳанд.

Омӯзиши таърих ва назарияи меъморӣ имрӯз дар ҳар як минтақа самтҳои таҳқиқотӣ ва хусусиятҳои хоси худро дорад. Таҳлили анъанаҳои меъморию бадеӣ ва ороишии биноҳои истиқоматӣ, омӯхтан ва азхуд намудани анъанаҳои мусбат қисми таркибии назария ва амалияи меъмории муосир мебошад.

Истифода ва таҳлили илмӣ танҳо дар он сурат самаранок мешавад, ки бар хилофи амалияи сохтмон ва меъморӣ маводҳои назариявӣ ва танқидӣ ҳамон ҷиҳатҳоеро ба вуҷуд оваранд, ки барои тараққиёти меъморӣ, хусусан биноҳои истиқоматӣ заминаи мусоидро фароҳам оваранд.

Ҳамаи мавод ва сарчашмаҳои омӯхташуда, ки дар қисми муқаддимаи рисола мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, метавонанд ба 5 қисм тақсим карда шаванд, ки дар зер мухтасар шарҳ медиҳем:

-маълумоти умумии таърихию ҷуғрофӣ дар бораи маҳалҳои аҳолинишини шимоли Тоҷикистон ва атрофи он;

-асарҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои маҳаллии таърихи меъморӣ, сохтмон, маданияти моддӣ, ҷуғрофия, иқтисодиёт ва ғайра;

-маводҳои тасвирӣ (тарҳу нақша, ҷадвалҳо, расмҳо, графикҳо, харитаҳо), ки маълумот оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва дар умум кишварҳои Шарқ;

- сарчашмаҳои бойгонӣ ва маводҳои экспедитсионӣ;

- сарчашмаҳо аз шабакаи Интернет.

Гурӯҳи аввали маъхазҳо асосан дастхатҳо, ёддоштҳои сайёҳон, муаррихони маҳаллӣ, савдогарон, ҷуғрофидонҳо ва бостоншиносон мебошанд. Ба гурӯҳи дуюми маъхазҳо таҳқиқоти муаррих ва шарқшиноси маъруф В.В. Бартолд дар бораи қариб тамоми паҳлӯҳои таърих, фарҳанг, иқтисод ва археология, махсусан дар саросари Осиёи Марказӣ, аз ҷумла шимоли Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Яке аз манбаъҳои боэътимодтарин маводди тасвирӣ мебошад. Аз ҷумла, онҳо барои ифодаи симои бино ва иншоот, конструсия, хусусиятҳои ороиши бадеӣ ва сохтмон, муҳити берунӣ ва дохилии бино ва ғайра маълумоти саҳеҳ додаанд. Маълумоти муфассалро аз эҷодиёти рассомони рус, ки ба Осиёи Миёна сафарҳои эҷодӣ кардаанд, дидан мумкин аст. Бойгониҳо ва суратҳои баъзе биноҳои собиқ истиқоматӣ, ки дар ҳудуди шаҳракҳои бостонии Тоҷикистон аз солҳои 20-ум инҷониб нигоҳ дошта мешаванд низ ёрӣ мерасонанд. Ба гурӯҳи мазкур нақшаҳо ва харитаҳое низ дохил шуда метавонанд, ки дар бораи лоиҳаи манзилҳо дар маҳалҳои аҳолинишини шимоли Тоҷикистон ва маданияти сохтмон онҳо маълумот медиҳанд.

Дар нимаи дуюми солҳои 40-уми асри гузашта як қатор муҳаққиқони рус, аз қабили М.С. Андреев, А.Ю. Якубовский, Е. Пешерева ва дигарон масъаларо таҳқиқот намудаанд. Баъд экспедитсияи бостоншиносии суғдию тоҷик бо роҳбарии муаррих М.М. Дяконова ёдгориҳои таърихии шимоли Тоҷикистонро таҳқиқ кардааст.

Дар давоми ду даҳсолаи охири асри гузашта олимони ватанӣ, аз қабили Р. С. Мукимов, С.М. Мамадҷонова, Ҳ. Ҳ. Ҳакимов, З. М. Алиева ташаккули меъморӣ ва бадеии мероси фарҳангии ёдгориҳои боқимонда, аз ҷумла навъҳои гуногуни ҳавлиҳо ва биноҳои истиқоматиро таҳқиқ намудаанд.

Таҳқиқоти таърихию меъморӣ ва этнографии манзили тоҷикон дар асарҳои олимони барҷастаи рус: В.В. Бартолд, В. Жуковский, А. Семёнов, М. Андреев, И. Зарубин, Н. Кисляков, А. Писарчик, М. Массон, С.П. Толстов, Б. Ғафуров, О. Сухарева, Б. Литвинский, А. Беленитский, О.Г. Болшаков, Н. Ершов, О.Д. Чехович, Е. Пешерева, Н. Турсунов ва дигарон таҷассум ёфтааст.

Шарқшиноси маъруф В. В. Бартолд дар партави маъхазҳои хаттӣ «...генезис ва таҳаввули маданияти манзилсозиро пай гирифта, типологияи

манзилро таҳлили таърихӣ ва этимологӣ намудааст. Маънои чузъҳои таркибии фарҳанги манзил - *«хона», «кушк», «боғ», «бустон», «када»*-ро ошкор намуда, онҳоро аз ҷиҳати инкишофи таърихӣ таҳқиқ намуда, мавқеи ин ҷузъҳоро дар ҳаёти иҷтимоию мадании ҷамъият дар давраҳои гуногуни таърихӣ нишон медиҳад. Ба ақидаи у «...давраи ҳукмронии муғул беҳтарин давраи таърихи меъмории форсист».

Қайд кардан зарур аст, ки «...маҳз дараҷаи иштироки кишвар дар муоширати фарҳангии ҷаҳонӣ моҳияти асосии таърихи меъмориро ташкил медиҳад».

Инчунин, дар омӯзиши хусусияти меъморӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматии Панҷакент Б.Я. Ставинский саҳми калон гузоштааст.

Дар осори муштараки О. Г. Болшаков ва академик Н. Н. Неъматов дар солҳои 50-ум хронологияи манзилҳои Панҷакент, алоқаи онҳоро бо биноҳои бостонӣ муайян намуда, хусусиятҳои иҷтимоии онҳоро нишон додаанд.

Аз ибтидои солҳои 70-уми асри XX пажӯҳишгари тоҷик Муқимов Р.С. ба омӯзиши манзили анъанавӣ, ки меъмории мардумии Болооби Зарафшон (маҷрои болоии дарёи Зарафшон), ки бо пайдоиш ва ташаккули сохтори хусусиятҳои меъморӣ ва бадеии манзил алоқаманд аст, машғул гардидааст.

Паҳншавии парастиши ҳайвоноти гуногун дар муҳити зист дар асарҳои муҳаққиқи дигар А.К.Мирбобоев инъикос ёфтааст.

Як ҷанбаи муайяни манзили мардумии шимоли Тоҷикистон дар осори У. Ҷаҳонов тавсиф шудааст.

Солҳои 1938—1939 В.Л. Воронина дар ҳайати экспедитсияи меъморию этнографии водии Фарғона манзили анъанавии шимоли Тоҷикистонро омӯхтааст. Махсусан ду асари илмии он аҳамияти калон доранд. Дар асари аввалини В.Л. Воронина хусусиятҳои сохти меъмории халқии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистонро, ки дар сохтмони манзили инфиродии шаҳрӣ аз биноҳои истиқоматӣ ва хизмати маишӣ иборат буд, дар таҷҳизоти бинокорӣ, конструксияҳо, навъҳои меъмории биноҳои истиқоматӣ ифода ёфтаанд, мисли ҳуҷраҳо, долон, меҳмонхона баррасӣ намудааст.

Соли 1959 дар Москва китоби В.Л. Воронина «Меъмории халқии шимоли Тоҷикистон» ба табъ расид. Дар қисми якуми «Анъанаҳои таърихӣ» бахши махсуси «Бинои истиқоматӣ» мавҷуд аст. Дар қисми дуюми китоб анъанаҳо ва навовариҳо дар сохтмони бинои истиқоматӣ дар замони шӯравӣ нишон дода шудаанд. Хусусиятҳои биноҳои истиқоматии шаҳрҳои Ленинобод (Хуҷанди ҳозира), Уротеппа (Истаравшани ҳозира), Чкаловск (Бустони ҳозира), Конибодом, Исфара оварда шудаанд.

Асарҳои С. Мамадҷонова ва Р. Муқимов бошанд, ба масъалаҳои таърихию меъмории монументалию анъанавии Тоҷикистон, махсусан шимоли Тоҷикистон ва Хуҷанд бахшида шудаанд.

Дар омӯзиши ин мавзуъ маъхазҳои хаттии асрҳои миёна низ, мисли осори Абубакри Наршахӣ (893-959/60), инчунин тавсифи ҷуғрофии муаллифи номаълум дар «Худуд-ул-олам», ашъор (934/941-1020/1025) ва осори муаррихи асри миёна Абулфазли Байҳақӣ (995-1077), инчунин осори энсиклопедист Абурайҳони Берунӣ (973-1051), арбоби давраи Салҷуқиён Низом ул-Мулк (1018-1092), намояндаи темуриён Заҳириддин Муҳаммад Бобур (1483-1530), муаррихи асри миёна Муҳаммад Юсуфи Муншӣ аҳамияти хоса доранд.

Кори илмии Ҳ.Ҳ.Ҳакимов, ки соли 1968 онро дар Москва ҳимоя намудааст, ҳангоми омӯзиши масъалаҳои мутобиқат ба шароити табиию иқлимии манзили шаҳрӣ арзишманд мебошад. Яке аз асарҳои муфассали таърихию меъморӣ, ки манзилгоҳро дар манотиқи кӯҳсор, аз ҷумла дар каламрави Тоҷикистон васеъ дар бар мегирад, монографияи Д. Нозилов «Меъмории ноҳияҳои кӯҳистони Осиёи Миёна» аст.

Кори пурарзиш дар омӯзиши манзил таҳқиқоти илмии С.М. Мамадҷонова ҳамчун рисолаи доктории «Анъана ва муосир дар меъмории Тоҷикистон», инчунин як қатор асарҳое, ки солҳои охир бо қалами ӯ ба табъ расидааст, маҳсуб меёбад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии буҷавии кафедраи «Меъморӣ ва шаҳрсозӣ» (минбаъд кафедраи «М ва Ш»)-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (минбаъд ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ) «Назария ва таърихи меъморӣ ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон: анъанаҳо ва мушкилоти муосир» барои солҳои 2016-2020, фасли 9: «Меъмории манзилии шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон: анъанаҳо ва мушкилоти муосир таҳия шудааст».

Ғайр аз ин, мавзӯи таҳқиқот бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 22 июли соли 2013 таҳти № 1003 ва Стратегияи рушди сохтмони Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, № 203 тасдиқ шудааст, алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ташаккули меъмории биноҳои истиқоматӣ бо мақсади муайян намудани анъанаҳои мусбӣ ва татбиқи онҳо дар бунёди шаҳрҳои хурди Тоҷикистони Шимолӣ мебошад.

Мақсади таҳқиқот тавассути ҳалли **вазифаҳои зерин** ташаккул меёбад:

1) омӯзиши сарчашмаҳои хаттии таърихӣ-меъморӣ, бостоншиносӣ ва этнографӣ;

2) муайян намудан ва ҷамъоварии маводҳои пурарзиши аслӣ бо роҳи таҳқиқоти саҳроӣ;

3) таҳлил ва натиҷагирии маводҳо аз манбаъҳои гуногун, ба низом даровардани онҳо, таснифоти онҳо тибқи таъиноти функсионалӣ, эстетикӣ ва динии манзил;

4) таҳлили бастакории сохтори таркибӣ, ҷузъҳои бинои истиқоматӣ ва муайян намудани мақсади таъинотии онҳо вобаста ба вазъи иҷтимоии соҳибмулк ва намуди оилаи дар он истиқоматкунанда;

5) таҳқиқи генезис ва таҳаввулоти бинои анъанавии истиқоматии ШХШТ дар партави даврабандии таърихӣ.

**Объекти таҳқиқот** ҳалли меъморӣ ва банақшагирии шаҳракҳои хурди бостонӣ ва асримиёнагии шимоли Тоҷикистон, сохтори истиқоматии суннатии онҳо дар сатҳи бунёди кварталҳо, гурӯҳҳои истиқоматӣ, манзилҳои инфиродӣ ва маданияти сохтмонии онҳоро (иншоотҳо, масолеҳи сохтмонӣ, воситаҳои ороиши тарҳрезии намоҳо ва фазои дохилии онҳо) фаро мегирад.

**Мавзӯи таҳқиқот** ташаккули меъморӣ-нақшагирӣ ва ҳаҷмӣ-фазоии биноҳои анъанавии истиқоматӣ дар шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон бо назардошти гузаштаи таърихӣ- меъмории онҳо барои амалияи муосири лоиҳакашӣ ва сохтмон мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз инҳо ифода ёфтааст:

- таснифоти умумии типологии биноҳои истиқоматӣ дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишини ШХШТ мавриди баррасӣ қарор дода шуд;
- як қатор усулҳои меъморию сохтмон, ки дар адабиёти махсуси таърихию меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд нестанд, муайян карда шудаанд;
- бори аввал манзилҳои истиқоматии ШХШТ дар асоси маълумоти ҳамаҷонибаи таърихию меъморӣ (манбаъҳои табиӣ, хаттӣ, меъморӣ-бостоншиносӣ, этнографӣ), тавассути дар адабиёти илмии меъморӣ, таърихӣ-бостоншиносӣ ва этнографӣ муайяншуда омӯхта мешаванд;
- кушиши бомуваффақият муайян кардани марҳилаҳои ташаккули манзили ШХШТ, аз ҷумла Хуҷанд ҳамчун маркази агломератсия, шаҳрҳои таърихӣ, барои таҳлили муқоисавӣ бо шаҳрҳои миёна мисли Исфара, Конибодом ва инчунин шаҳракҳои Ғончӣ, Навкат ва Шайдон аз ҷиҳати ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва шаҳрсозӣ;

-такмили масъалаҳо оид ба хусусиятҳои ташаккул ва таснифоти манзили дорои аҳамияти иҷтимоӣ;

-миёни 180 нафар сокинони шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашт (апрели соли 2023) бо мақсади муайян кардани шароит ва эҳтиёҷоти манзили онҳо назарсанҷии иҷтимоӣ (пурсиши иҷтимоӣ) гузаронида шуд;

- роҳҳои таҳқиқоти илмии дурнамои муҳити манзили ШХШТ нишон дода шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- рушди меъмории биноҳои истиқоматӣ дар ҳудуди шимоли Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI;

- даврабандии таърихӣ ва меъмории ШХШТ;

-хусусиятҳои меъморӣ-типологӣ, ҳаҷмию тарҳӣ ва минтақавии намудҳои меъмории манзил, инчунин сохтори тарҳрезии шаҳрҳои хурди таърихии маҳалҳои аҳолинишини шимоли Тоҷикистон.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқи меъмории биноҳои истиқоматии шаҳракҳо муайян намуд, ки анъанаҳои устувори меъморию шаҳрсозӣ (усули тарҳрезии ҳавлӣ ва айвон, мутобиқсозии самти ҳуҷра нисбати равшании табиӣ, ободонӣ), ки барои сохтмони муосири манзилҳо дар ШХШТ аҳамияти махсус дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо мавodди таҳқиқоти аслии биноҳои истиқоматии анъанавии шаҳрҳои хурди таърихии шимоли Тоҷикистон (ченкунӣ, аксбардорӣ, таҳлили муқоисавии графоаналитикӣ бо мақсади муайян намудани асолат ва ягонагии объектҳои муайяншудаи меъмории биноҳои истиқоматӣ-меъморӣ) назарсанҷии иҷтимоӣ бо мақсади муайян кардани шароити манзилӣ ва ғайра тасдиқ карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ: 05.23.00 –Сохтмон ва меъморӣ (05.23.20 – Назария ва таърихи меъморӣ, бозсозӣ ва таҷдиди мероси таърихию меъморӣ) мувофиқат менамояд. Соҳаи таҳқиқот- ҳифзи арзишҳои таърихӣ-фарҳангӣ, мероси меъморӣ, робитаҳои байниҳамдигарии анъанаҳо ва навгониҳо, азхудкунии эҷодии таҷрибаи таърихӣ; Самтҳои таҳқиқот:

- ҷанбаҳои этнофарҳангӣ, минтақавӣ, банақшагирӣ, функсионалӣ ва муҳити зист дар ташаккул ва рушди шаҳрҳо, шаҳракҳо, объектҳои санъати ландшафтӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳо;

- анъанаҳои таърихӣ, пайдарҳамӣ ва навоварӣ дар шаҳрсозӣ, услубсозии меъмории таърихӣ ва муосири Тоҷикистон ва кишварҳои дигар;

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар ташаккули фарзияи сохтани таҳқиқот, гузаронидани таҳқиқоти комплексии назариявӣ ва

амалии меъмории манзили асрҳои XX ибтидои XXI, ҷамъбасти маводди таҳқиқоти саҳрой ва таҳияи илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои асоснок барои истифода дар амалияи имрӯзаи меъморию бинокорӣ ифода меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии кори диссертатсия дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон: гузашта, имрӯза ва оянда», ДТТ ба номи ак. М.С. Осимӣ, Душанбе, 24-25 ноябри соли 2022; дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Мушкилот ва дурнамои рушди меъморӣ ва сохтмони Тоҷикистон», ДДТТ, ш. Хуҷанд. 2 июни соли 2023; инчунин дар семинару конференсияҳои байналмиллалӣ, ҷаласаҳои кафедраи меъморӣ ва шаҳрсозии ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ («Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI: генезис, эволютсия, муносибатҳо ва хусусиятҳои типологӣ»), кафедраи меъмории ДПДДТ ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба мавзӯи буҷавии "Такмили тарҳрезӣ ва сохтмони биноҳои шаҳрвандӣ дар вилояти Суғд, зерфасли 8: Анъанаҳо ва навоварӣ дар меъмории биноҳои истиқоматӣ дар шимоли Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" татбиқ карда шудааст.

Маводҳои таҳқиқот, ки дар шакли нақшаҳои ченкунии тарҳҳо ва таҳлили таркибии биноҳои истиқоматӣ дар ШХШТ пешниҳод шудаанд, дар таҳияи лоиҳаи тахассусии тарҳрезии манзилҳои нави анъанавӣ, омода намудани лексияҳо аз фанҳои «Таърихи меъмории миллӣ», «Таърихи санъат ва меъморӣ», ки бо санади татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти довталаби номзади илмӣ  замима шудаанд, шаҳодат медиҳад.

Натиҷаи кор дар як қатор корҳои лоиҳавии манзилҳои истиқоматии инфиродии ноҳияҳои Мастчоҳ, Ғончӣ ва Ҷаббор Расулови вилояти Суғд инъикос ёфтааст.

Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот дар лоиҳакашӣ ва сохтмони биноҳои истиқоматӣ дар маҳалҳои таҳқиқшуда дар ҶДММ «Суғдшаҳрофар», ҶДММ «Бунёди манзил», МД МТФ «Қалъаи Хуҷанд» татбиқ карда шудаанд, ки бо санадҳои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти довталаб дар замима гувоҳӣ медиҳад.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти рисола дар 36 мақолаҳои илмии муаллифи диссертатсия, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва дигар маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, (144 саҳифаи чопӣ) ва замима дар шакли ҷадвалҳои таҳлилӣ ва тасвирӣ иборат аст. Ба матни асосии диссертатсия 185 адабиёт иқтибос оварда шудааст.

# МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти кор асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии масъала мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии кор, мавзӯъ ва матолиби таҳқиқот муайян гардида, саҳми шахсии муаллиф баён шудааст.

**БОБИ 1. «Шароитҳои таърихӣ-шаҳрсозии инкишофи муҳити истиқоматии шаҳрҳои хурди таърихии шимоли Тоҷикистон».** Боби мазкур аз 4 зербоб иборат аст.

**1.1. Хусусиятҳои табиию иқлимии минтақа.** Дар он зикр гардидааст, ки шимоли Тоҷикистон аз захираҳои обӣ, олами наботот, махсусан дар водиҳо бой аст. Захираи нафт, ангиштсанг ва нуқра дар минтақа хело калон аст. Ин ҷо мис, хӯлаҳои оҳан, тилло, биринҷӣ ва намак, инчунин масолеҳи сохтмонӣ аз қабили гил, чӯб, оҳаксанг, санги табиӣ, мармар, гранит, гаҷ аз асрҳои миёна коркард, истеҳсол ва ба дигар минтақаҳо интиқол дода мешуданд.

Дар ин зербоб фарзияе асоснок шудааст, ки шимоли Тоҷикистон ба минтақаи дорои тамаддуни бостонӣ мансуб буда, аз он масири Роҳи бузурги Абрешим мегузашт ва дар он ҷо олим-астрономи асримиёнагӣ Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, шоира ва ромишгар Мунисаи Муҳастии Хуҷандӣ дар он ҷо ба дунё омадааст ва дар асри XIV Камол Хуҷандӣ зиндагӣ ва фаъолият намудааст.

Ҷолибтарин навъҳои манзилҳои мардумро метавон дар қисмати тоҷикони водии Фарғона, ки яке аз воҳаҳои минтақаи таҳқиқ аст, аз ҳазораи дуюми пеш аз милод мушоҳида метавон кард. Дар ин марҳила заминдорӣ хеле тараққӣ намуда буд. Дар асоси анъанаҳои бостонии маданият ва сарватҳои табиӣ дар шимоли Тоҷикистон мактаби маҳаллии меъмории халқӣ ба вуҷуд омадааст, ки аз ҷиҳати асолати худ ба куллӣ фарқ мекунад.

Дар зербоби мазкур хусусиятҳои табиию иқлимии минтақа, ки дар зери таъсири он як навъи махсуси манзилҳои истиқоматӣ ба вуҷуд омада, ба шароити сахти ин муҳит — тобистони гарми хушк, боришоти маҳдуд ва ҷангалзор, сатҳи сейсмикии баланд, таҳшин шудани хок ва ғайра мувофиқат карда шудааст, муфассал нишон дода шудааст. Усулҳои анъанавии муҳофизат аз нурҳои гарми офтоб, ки дар тӯли асрҳо таҳия шудаанд, воситаҳои муҳофизати сояафканро таъмин мекард ва дар он фазои дохилии озод имкон дод, ки бино тавассути насб кардани қисмҳои ҳаракаткунандаи равон табдил дода шавад. Дар ин бахш намунаҳои муҳофизати анъанавӣ аз нурҳои гарми офтоб оварда шудаанд.

Қисми асосии орографии Тоҷикистони Шимолӣ қаторкӯҳҳои Қурама ва Муғултой, инчунин Зарафшон, Туркистон ва Ҳисор мебошанд. Сирдарё яке аз калонтарин дарёҳои Осиёи Марказӣ буда, дар шимоли Тоҷикистон якчанд қаторкуҳҳо ва доманакӯҳҳоро фаро мегирад. Он водии Фарғонаи тоҷиконро ба ду қисм, соҳили чап ва рост тақсим мекунад.

Дар қисми ғарбии ҳавзаи Фарғона Дашти ташналаб воқеъ гардидааст, ки қисми зиёди он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ буда, сатҳи нисбии баҳр дар ин ҷо дар тамоми Тоҷикистон пасттарин аст. Миёни водии Фарғона ва қаторкӯҳҳои Туркистон ҳавзаи Шаҳристонро релефи ноҳамвориҳо ташкил медиҳад.

**1.2. Шароитҳои таърихӣ ва шаҳрсозии рушди шаҳрҳои хурд.** Дар ин зербоб таҷрибаи таърихии ташаккул ва инкишофи биноҳои истиқоматӣ дар шимоли Тоҷикистон дар асрҳои XIX—XX баррасӣ мешавад. Чи тавре, ки таъкид шуд, комёбиҳои меъмории халқи тоҷик дар оянда ҳам ҳамчун заминаи боэътимоди тараққиёти соҳа пайвандгари гузашта ва имрӯз шуда метавонанд.

Ягонагии хусусиятҳои табиию иқлимии куҳҳо, доманакуҳҳо ва ҳамвориҳои ноҳияҳои Тоҷикистон, манзараи нотакрори онҳо боиси ташаккули фарҳанги моддӣ ва ба вуҷуд омадани услубҳои маҳаллие мегардад, ки иқлимро бевосита ҳамоҳанг мекунанд. Вазъи демографӣ, хусусиятҳои миллӣ ва масолеҳи бинокории маҳаллӣ дар ҳар як минтақа ба ташаккули манзил бевосита таъсир мерасонад. Дар ин бобат дар асоси маълумотҳои таҳқиқии олимон, монанди В. Массон, В. Ранов, Б. Литвинский, Г. Пугаченкова, Д.Уилбер, П.Бернер, Н.Н. Неъматов, В.И. Сарианиди, А.Ю. Яъқубов, А.И.Исакова, А.К. Мирбобоев, Р.С. Мукимов, С.М. Мамадҷонова, Н. Турсунов, воқиф мебошем, ки дар ин минтақа аллакай дар давраи неолит шаҳрҳои бостонӣ (Саразм), ҷамъиятҳои таърихию фарҳангӣ (маданияти Қайроққум) ва ғайра ба вуҷуд омадаанд. Дар банди мазкур шаҳрҳо ва шаҳракҳои қадимӣ, бостонӣ, ки дар таркиби чунин давлатҳои тавоно ба мисли Суғд, империяи Ҳахоманишиҳо, империяи Искандари Мақдунӣ пайдо шудаанд, ки аз онҳо осори бостоншиносии шаҳри Искандарияи Ақсо (Эсхата) дар ҷои қалъаи Хуҷанд ҳифз шудаанд, мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Таъсиси давлатҳои мутамаркази Темуриён, Шайбониён дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар шимоли Тоҷикистон боиси инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, инкишофи шаҳрсозӣ, кабудизоркунӣ, ободонӣ ва ғайра гардид. Афзоиши шумора ва ҳаҷми шаҳрҳо дар асрҳои XIV- XVI, тағйир ёфтани меъмории биноҳои истиқоматӣ, инкишофи ҳунармандӣ ва муносибатҳои бисёрсамта бо мамлакатҳои хориҷӣ ба рушди минбаъдаи шаҳру маҳаллаҳо асос гузоштанд. Бо тамоми тағйироти ба вуҷудомадаи

самти меъморӣ танҳо меъмории халқии манзил дар асрҳои XX - ибтидои асри XXI асолати хос ва анъанаҳои таърихии худро ҳифз намудааст.

**1.3. Рушди иҷтимоию иқтисодии муҳити зисти шаҳрҳои хурди таърихӣ.** Дар зербоби мазкур хусусиятҳои ташаккули шаҳракҳо дар ШХШТ, категорияи маъмултарини маҳалҳои аҳолинишин, вижагии хоси он гуногун будани шароит ва шаклҳои инкишофи системаи аҳолинишини минтақа мебошад, баррасӣ шудааст. Онҳо аз рӯи ҳачм, вазъи иқтисодӣ, мавқеъ дар сохтори хоҷагии халқ, суръати тараққиёти худ фарқ мекунанд. Аз ҷумла, ШХШТ аз рӯи андоза ба якчанд гурӯҳҳо тақсим мешавад:

- то 10 ҳазор нафар- маҳаллаҳои навъи шаҳрӣ (Чайрух, Адрасмон);

-аз 10 то 20 ҳазор нафар - шаҳрҳои хурди миёна (Гулистон, Истиқлол, Бӯстон ва Ғончӣ);

- аз 20 то 50 ҳазор нафар - шаҳрҳои хурд (Ғафуров, Бустон, Навкат ва Шайдон).

Ба шабакаи агломератсияи Хуҷанд ҳамаи ШХШТ-ии таҳқиқшуда (ба ғайр аз истисноси Ғончӣ) дохил мебошанд. Дар ин бахш тавсифи мухтасари ин шаҳрҳо, аз ҷумла, Исфара ва Конибодом; шаҳраки Навкат (то соли 2018 маҳаллаи Нов), маркази маъмурии ноҳияи Спитамен, шаҳраки Ғончӣ - маркази маъмурию ҷамъиятии ноҳияи Деваштич, шаҳраки Шайдон (то соли 1967 шаҳраки Ашт) - маркази маъмурии ноҳияи Ашт аз ҷумлаи онҳоянд.

Тараққиёти шаҳрҳои хурд, марказҳои ноҳияҳо, ки асоси иқтисодии онҳо истеҳсолоти хоҷагии деҳот ва коркарди он аз тарафи корхонаҳои хурд, инчунин хизматрасониҳои гуногун мебошад, ошкор карда, мавқеи онҳо дар шабакаи аҳолинишини вилоят муайян карда мешавад. Дар баробари ин ба ободонии маркази шаҳр - ҳамзамон маркази ноҳияҳо диққати махсус дода мешавад. Аз ин лиҳоз, шаҳрҳои хурд ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

- шаҳракҳои рушдёфтаи дорои дурнамо;
- шаҳрҳои хурди рушдашон маҳдуд;
- шаҳрҳои хурди тадриҷан барҳам додашаванда.

Таваҷҷӯҳ ба ду категорияи аввали шаҳрҳое, ки бояд дар асоси муттасилии таърихӣ, ҳатман муайян, ҳифз ва рушди хусусиятҳои арзишманди таърихии банақшагирӣ ва инкишофи онҳо, бо таъкиди фардияти симои онҳо аз нав сохта шаванд, ҷалб карда мешавад. Дар баробари ин, ба ғайр аз ёдгориҳои меъморӣ, ки бояд ҳифз карда шаванд, ҳифзи манзилҳои инфиродӣ, инчунин тамоми маҷмӯаҳои ҷолиби диққат, аз ҷумла ҷойгоҳҳои таърихии маҳаллии шаҳрак, аз қабили Истиқлол, Гулистон, Ғафуров ва Бӯстон таваҷҷӯҳи хос мебояд дод.

**1.4. Хусусиятҳои ташаккули шаҳрҳои хурди Тоҷикистони Шимолӣ.** Зербоби мазкур, ки ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии муҳити зисти шаҳракҳо бахшида шудааст, сохтори демографӣ ва иҷтимоии мавҷудаи аҳолии ШХШТ таҳлил карда мешавад. Аз ҷумла, дар муқоиса бо шаҳрҳои калон дар онҳо теъдоди кӯдакон ва афроди синни нафақа бештар мушоҳида мешавад. Ҳиссаи камтари одамони синну соли қобили меҳнат; ҳиссаи оилаҳои серфарзанди се ва аз ин ҳам зиёд кудак калонтар аст; шумораи ками шахсони муҷаррад ё ҷудо аз оила зиндагӣ мекунанд; қисми зиёди аҳолӣ бо истеҳсолоти хоҷагии деҳот (кишоварзӣ) алоқаманд аст; қисми муайяни аҳолии қобили меҳнат дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва соҳаи хизматрасонӣ кор мекунанд. Хусусиятҳои дар боло зикршуда бояд ҳангоми интихоби навъҳои биноҳои истиқоматӣ, шумораи ошёнаҳо ва омезиши манзилҳои намудҳои гуногун ба назар гирифта шаванд. Натиҷаҳои таҳлили қитъаҳои шахсии наздиҳавлӣ дар ШХШТ оварда шудаанд, ки аксарияташон ба меъёру қоидаҳои имрӯза мувофиқ нестанд.

Дар шароити ШХШТ дар сохтмони маҷмааҳои истиқоматӣ якҷоя кардани хонаҳои навъҳои гуногун ва миқдори ошёна на танҳо иҷозат дода мешавад, балки матлуб аст, ки ин бо назардошти хусусияти демографӣ ва эстетикӣ муайян карда шавад. Биноҳои дуошёнаи қитъаҳои ҳамсояро бо биноҳои миёна ва баландошёна, биноҳои якошёнаро бо биноҳои дуошёна бо назардошти талаботи меъморӣ бомуваффақият якҷоя кардан мумкин аст.

Дар солҳои 70-уми асри XX агломератсияи маҳаллии Хуҷанд ташкил карда шуд, ки шаҳрҳои миёна ва хурди шимоли Тоҷикистонро муттаҳид мекард.

Таҳқиқоти ШХШТ нишон дод, ки онҳо дар байни деҳот ва шаҳрҳои бузурги ҷумҳурӣ мавқеи миёнаро ишғол намуда, хусусияти дугона доранд. Ин робитаи шаҳракҳои хурд онҳоро бо фаъолияти шаҳрӣ, бо саноатигардонӣ ва рушди техникӣ, шаҳрнишинии фаъол ҳамоҳанг месозад, ҳарчанд дар айни замон онҳо бо тарзи ҳаёти деҳот робитаи фаъол доранд.

Дар охири боби якум (зербоби 1.5) хулосаҳо оварда шудаанд.

**БОБИ 2. «Хусусиятҳои таърихӣ - меъмории ташаккули шаҳракҳои таърихии шимоли Тоҷикистон».** Он аз се зербоб иборат буда, даврабандии ташаккули меъмории биноҳои истиқоматӣ дар асри XX, ҳалли ҳаҷмию банақшагирии биноҳои истиқоматии марҳилаҳои муайян, инчунин тамоюлҳои таснифоти биноҳои истиқоматӣ ва муқаррар кардани арзишҳои фарҳангиро дар раванди таҳаввулоти манзил дар шимоли Тоҷикистон баррасӣ мекунад.

**2.1. Даврабандии ташаккули меъмории биноҳои истиқоматӣ.**

Дар зербоби якум марҳилаҳои таърихию меъморӣ ва шаҳрсозӣ муфассал таҳлил карда мешаванд, ки он аз консепсияи меъмории Осиёи Миёнаи пешазинқилобӣ, ки доктори илми меъмории Узбекистон Ш.Д. Аскаров мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аз ҷумла, дар зербоб чор марҳилаи таҳаввули манзили ШХШТ дар асри XX таъкид шуда, тавсиф ва нишондодҳои асосии сохтори меъморӣ ва банақшагирии манзил дар ҳар як марҳилаи рушди таҳаввулоти онҳо дода шудааст. Самтҳои асосии тараққиёти меъмории манзил дар марҳилаи муосир, таҳаввулоти манзил, таснифоти биноҳои истиқоматӣ, унсурҳои тарҳрезии ҳаёт, дигаргунсозӣ ва сохтори меъморию тарҳрезӣ матраҳ карда шудаанд. Дар маҷмӯъ, чор марҳилаи муайяншудаи рушди манзили ШХТШ бо инкишофи меъморӣ дар давраи давлатдории Шӯравӣ, яъне аз соли 1917 то имрӯз комилан мувофиқат мекунанд.

Дар марҳилаи кунунии рушди меъморӣ ва шаҳрсозӣ тибқи санади қонунгузории таҳияшуда (Кодекси шаҳрсозии ҶТ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми стандартҳои биноҳои истиқоматии дорои сатҳҳои гуногуни истиқоматӣ муқаррар карда шудаанд. Барои ҳар як чаҳор гурӯҳи биноҳои истиқоматии инфиродӣ, - иҷтимоӣ, иқтисодӣ, бароҳат ва хело бароҳат таҳия шудааст.

Сарфи назар аз тамоми омилҳои мусбате, ки аз гуфтаҳои боло бармеоянд, дар ҷумҳурӣ муаммоҳои дар сохтмони серошёна ба вуҷуд овардани хусусияти миллӣ ва байналмиллалӣ биноҳои баландошёнаи истиқоматии ҳанӯз ҳал нагардидаанд. ки дар гузаштаи наздик як муассисаи томи ҳаёти маънавӣ буд. Меъморон ҳарчӣ бештар ба биноҳои камошёна бо истифода аз анъанаҳои ҳунармандони халқӣ дар азхудкунии релефи мураккаб, ба вуҷуд овардани биноҳои истиқоматии ба муҳити табиӣ мутобиқшуда (дар шаҳракҳои Ғончӣ, Шайдон, шаҳри Исфара ва ғ.) диққати махсус медоданд.

**2.2. Ҳалли ҳаҷмию тарҳии манзилҳои истиқоматӣ.** Масъалаи ҳалли тарҳкашии биноҳои истиқоматӣ, барои минтақаи иқлимии IV пешбинӣ шудааст, ки пажӯҳишгоҳҳои лоиҳакашии Шӯравӣ тартиб дода, дар солҳои 50-60-уми асри XX бунёд шудаанд, дида баромада шудааст, ки фонди калони манзилиро дар шаҳрҳои хурди омӯхташуда ташкил медиҳад.

Дар фасли мазкур масъалаҳои банақшагирӣ, сатҳу фазоӣ ва шаҳрсозии биноҳои истиқоматии инфиродӣ дар шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия таҳқиқ карда шудааст, муфассал таҳлил карда шуда, асолати ин манзилгоҳ, ки то имрӯз боқӣ мондаанд, ошкор карда шудааст.

Ҳар як манзили инфиродии шаҳрӣ, маҷмӯи якчанд ҳуҷраҳоро дар атрофи саҳни ҳавлӣ бо айвон муттаҳид намудааст, аз ҳуҷраи умумии оила,

ҳуҷраи меҳмонхона, даҳлез, ошхона бо танурхона, анбор ва ҳезумхона, инчунин сарои нигоҳдории чорво иборат мебошад.

Хусусияти манзилҳои истиқоматии ШХШТ-ро метавон дар намунаи манзилҳои шаҳри Исфара Абдуваҳобов Ш. (кучаи Айнӣ, 23), Ҷӯразода А. (кучаи Сомониён, 12), Холиқзода Л. (кучаи Истиқлол,7), Ҳасанов О. (кучаи Маданият, 14), дар шаҳри Ғафуров бошад, манзили Султонов Т. (кучаи Бахор, 23), Почоев А (кучаи Озодӣ, 17), дар шаҳри Бустон манзили Каримов А. (кучаи Дусти, 52) дар шаҳри Гулистон хонаи Раҳмонов М (кучаи Саноатчӣ, 26) мавриди баррасӣ қарор дод. Манзилҳои таҳқиқшудаи номбурда дар умум ба шакли тарҳу ҳаҷми манзили дуқисматаи осиёимиёнагӣ, ки дорои *айвонҳои барҳаво, дарвозахона* ва *меҳмонхона* мебошанд, шабеҳанд.

Тавсиф ва таҳлили манзилҳои истиқоматӣ дар шаҳрҳои миёнаи Исфара ва Конибодом, инчунин шаҳракҳои Ғончӣ, Навкат ва Шайдон, ки дар қисми поёни дарёи Аштсой, Навкат, Куркат, Ғулакандоз, Сомғор, Маҳрам ва ғайра ҷой дода мешаванд, таҳлил карда шудааст.

### 2.3. Асосҳои таснифоти биноҳои истиқоматӣ ва муайян кардани арзишҳои фарҳангии онҳо дар раванди таҳаввулоти он дар шимоли Тоҷикистон

Дар ин зербоб асоси таҳлили маводҳои саҳроии ШХШТ муайян карда шуд, ки дар амалияи сохтмони шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон навъҳои зерини биноҳои истиқоматӣ истифода шудаанд:

- биноҳои якошёнаи итиқоматии инфиродӣ;

-биноҳои 2-ошёнаи итиқоматии инфиродӣ (блоконидашуда ва сексионӣ);

-биноҳои истиқоматии 3-4-ошёна;

-биноҳои 4-ошёнаи итиқоматӣ;

-биноҳои долондори итиқоматии 2-4-ошёна (навъи меҳмонхона барои шахсони танҳо ва оилаҳои хурд);

-биноҳои истиқоматии навъи омехта (галереявӣ-сексионӣ ва долондор-сексионӣ).

Бо мақсади ҳал намудани масъалаи навъҳои хонаҳо дар фасл диққат ба сохтори тарҳкашии фазоӣ ҷалб карда мешавад, ки он ба хусусиятҳои иқлими гарм, анъанаҳо бештар мувофиқ мебуд. Биноҳои камошёна аз рӯи ҳаҷми қитъаҳо ба се навъ тақсим карда мешаванд. Аммо биноҳои камошёнаи истиқоматӣ дар солҳои 50—80-уми асри XX бо хизматрасониҳои санитарию маишӣ (газ, оби гарм ва ғайра) таъмин карда нашудааст, ки ин бароҳатии зиндагиро ба таври назаррас коҳиш медод.

Дар баробари баррасии равандҳои таснифи манзил, арзишҳои фарҳангии меъмории хонаҳои истиқоматӣ дар ШХШТ ошкор карда мешаванд.

Дар охири боб, дар фасли чорум, хулосаҳо оварда шудаанд.

**БОБИ 3. «Идомаи анъанаҳо ва дурнамои рушди биноҳои истиқоматӣ дар шаҳракҳои таърихии шимоли Тоҷикистон».** Боби мазкур аз се зербоб иборат аст.

**3.1. Анъанаҳои таърихии меъморию бинокорӣ.** Дар ин зербоб қайд карда мешавад, ки ба пайдоиши шаҳрҳои таърихӣ ҳамчун маркази рушди ҳунару тиҷорат намуди махсуси биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ, ки ба шароити табиию иқлимӣ ва масолеҳи сохтмонии маҳаллӣ зич алоқамандaнд, мусоидат кардааст. Дар ин зербоб анъанаҳои меъморӣ ва сохтмонии марбут ба манзил дар минтақаи таҳқиқотӣ, аз замони пайдоиши истеҳсолоти ҳунармандӣ дар давраи охири неолит ва энеолит, яъне 5,5 ҳазор сол ва бо давраи Шӯравӣ (1924-1991) ба охир мерасад. Вазифаи муҳофизатии манзил дар шароити фазои табиӣ пайваста таҳлил карда мешавад. Бо таҳлили мисолҳои мушаххас, масалан, ташаккули бинои қасрҳо бо шаклҳои наҳшаи мукаммал ва аз ҷиҳати геометрӣ мувофиқшуда исбот мешавад, ки аллакай дар ҳамон вақт системаи кори сохтмонӣ ва ҳатто «тарҳи меъморӣ» ташаккул ёфта буд. Дар ин зербоб дар бораи ёдгориҳои маъруфи санъати манзилсозӣ ва шаҳрсозӣ, аз қабили Сапаллитеппа дар қаламрави Ӯзбекистони ҳамсоя, маҷмааи истиқоматии Дашли-3 дар шимоли Афғонистон, Қайроққуми бостонии асри биринҷӣ ва аввали оҳан, ки дар каъри «Баҳри тоҷик» дар наздикии шаҳри бостонии Хуҷанд ошкор шудааст. Аз замонҳои қадим шаҳракҳои Афросиёб дар ҳудуди Самарқанди асримиёнагӣ, Қалъаи Мири ноҳияи Шаҳритуз, Дилберҷин дар Балх, Далверзинтеппа дар Сурхондарё, Бактра дар наздикии шаҳри Балхи Афғонистон, Тирмизи қадим дар соҳили Амударё ва бисёр дигарон зикр ёфтаанд. Давраи асримиёнагӣ бо маҷмааҳои истиқоматии Панҷакенти қадим, Афросиёб, Қалъаи Болои ноҳияи Исфара ва ғайра маълум аст.

Манзили шимоли Тоҷикистон, ки ба мактаби меъмории Фарғона ҳамоҳангӣ дошта, бо банақшагирии озоди зебоманзари мулкҳо ва бо сабзу хуррами боғҳо омехта шудани онҳо фарқ мекунад. Ташкили меъморию банақшагирии ҳавлиҳо аз ҷониби маҷмӯи томи унсурҳои гуногун: деворҳои барҳавои биноҳои истиқоматӣ, навъҳои гуногуни айвонҳо, соябонҳои табдилдиҳанда, сутунҳои токзорҳо, саройҳо ва сабзиши боғҳои ҳавлӣ амалӣ карда шуданд. Ҳангоми лоиҳакашӣ ва бунёди манзилҳои нави истиқоматӣ барои шаҳрҳои хурду миёна ва маҳаллаҳои навъи шаҳрии

шимоли Тоҷикистон маҳз ба ҳамин хусусиятҳо лоиҳакашони имрӯза мебояд диққати хоса зоҳир намоянд.

**3.2. Таъсири байниҳамдигарӣ ва мутасилии таърихӣ дар меъмории биноҳои истиқоматӣ.** Дар зербоби мазкур зикр гардидааст, ки дар он сурат анъанаҳои устувори бинокории бостонӣ боз ба манбаи муҳим табдил меёбанд, ки ба шароити ташаккули манзили ШХШТ дар сарзамини паҳновари ташаккули халқи тоҷик таъсир расонидааст. Дар бахш равандҳои давомдории анъанаҳо дар меъмории Мовароуннаҳр ва аз ин рӯ, дар ШХШТ ҳангоми ташаккули меъмории нави даврони Сомониён, Қарохониён, Темуриён, Шайбониён, ки услуб ва сабки нави меъморӣ ва бадеӣ ба вуҷуд омадааст, ошкор карда шудааст. ки дар тамоми давраи тараққиёти асримиёнагии ҳазорсола осоре гузоштааст. Дар ин зербоб якчанд равандҳои давомдории анъанаҳо дар асрҳои миёна оварда шудаанд.

Ба лоиҳакашон лозим аст, ки дар бобати ба лоиҳакашии манзил дохил намудани вижагиҳои тоза таваҷҷӯҳ намоянд, ки дар он ҷо истифодаи бевоситаи анъанаҳои миллӣ мумкин нест, вале истифодаи усулҳои асримиёнагӣ дар симои меъмории манзилҳои камошёна ва баландошёна дар шаҳрҳои хурд боиси нававарӣ мегардад. Масалан, истифодаи мутамаркази техникаи насби шабакаҳои ҳавокаш дар шакли манора метавонад намуди манзилҳои як ё дуошёнаро дар шаҳракҳо ва деҳот гуногун кунад ва ё ташаккули ҳуҷраҳои зеризаминӣ - сардобхона дар манзилҳои замонавӣ имкон медиҳад, ки ба дохили ошёнаҳои болоӣ микроиқлими мусоид фароҳам оварда шавад. Зербоб инчунин ба сохтмони таҳкурсии зиддизилзилавӣ барои манзил, кам кардани майдони равзанаҳои рӯшноӣ дар биноҳои истиқоматиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар зербоби мазкур сиёсати иҷтимоии манзил дар шаҳрҳои хурд, ки дар онҳо ба нақша гирифтан ва ба тартиб овардани биноҳои истиқоматӣ бояд дар хусусиятҳои кор, ҳаёт ва истироҳат, тарзи зисти оила ва шахс бо назардошти дараҷаи шаҳрнишинӣ (урбанизатсия) дар макони зист, урфу одатҳои миллӣ инъикос ёбанд, таҳқиқ шудааст. Дар ин зербоб масъалаи кӯчонидани оилаҳои мураккаби серфарзанд, ки аз якчанд насл ва махсусан оилаҳои дорои фарзандони калонсол, навхонадорон ва ё оилаҳои ҷавон, ки кӯдакони хурд доранд, баррасӣ карда мешаванд.

Яке аз муаммоҳои минтақаи кӯҳсори Осиёи Миёна ин амплитудаи баланди сейсмикии 8—9 балла мебошад. Яке аз шаҳракҳои хурде, ки мо омӯхта будем, Гулистон тақрибан ним аср пеш қурбони ин офати табиӣ шуда буд. Дар хонаҳои панелии шаҳри Қайроққум (ҳоло Гулистон) ҳангоми заминларзаи 13 октябри соли 1985 канда шудани пайвастагиҳои уфуқӣ ва амудии васлшавии панелҳо, плитаҳои фарш, тарқишҳои рахи

деворҳо ба мушоҳида расида аст. Махсусан нисбатан ҳангоми заминларза биноҳои хиштӣ хеле бештар осеб диданд.

**3.3. Дурнамои рушди лоиҳакашӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ дар шароити шаҳракҳо.** Дар зербоби мазкур маҷмӯи тавсияҳои илмӣ, ки барои баланд бардоштани мавқеъи меъёрҳои шахсии бароҳати манзил имкон медиҳанд, баррасӣ шудааст. Мутобиқан, муҳити зист бояд барои татбиқи иқтидори рушди шахсият, сарфи назар аз ҳолати муҳити зист, имконият фароҳам оварад. Ҳамин тариқ, гуногунии типологии манзилҳо омили ҷуброни ташаккули ҳаёти одамонро дар манзилҳои шаҳрҳои хурд дар бар мегирад.

Дар асоси маълумоти таҳқиқот як навъ модели динамикии талаботи оилаҳои навъи асосӣ вобаста ба таъмини воқеии манзили онҳо бо навъҳои ҳуҷра барои қишрҳои гуногуни аҳолӣ тартиб дода шудааст. Ба ошёнаҳои поёнтар мутобиқ кардани оилаҳои мураккаби шумораи зиёди фарзандонашон ба мақсад мувофиқ будани манотиқи амудии биноҳои серошёнаи истиқоматӣ, сохтани биноҳои истиқоматии пуриморати камошёнаро нишон медиҳад, ки ин барои ШХШТ хос аст.

Ҷустуҷӯи фардият дар манзил дар шаҳрҳои хурд дар якчанд самт ташаккул меёбад. Бастакориҳои гуногуни ҷойгиркунии байниҳамдигарии хонаи истиқоматӣ ва биноҳои гуногуни ёрирасон (бо назардошти ягонагии таъинот ва таркибии онҳо); тағйирпазирӣ ва табдил додани биноҳо дар дохили хонаи алоҳида ё якҷоя бо биноҳои иловагӣ; ҳамоҳангии манзил бо муҳити зист ва шакли меъмории он ифода ёфта, навъи манзил, хусусиятҳои иқлим, анъанаҳои халқӣ, шароити маҳал ва хусусияти миллӣ ба назар гирифта мешавад.

Меъмории муосир бояд масъулият дар бораи мероси фарҳангиро низ муайян кунад. Мо одат кардаем, ки афзалиятии анъанаро аз рӯи дараҷаи нав будани он дар таърих муайян кунем. Зимнан, бисёр усулҳои тарҳкашӣ ва конструктивӣ, ки як вақтҳо таҷрибаи пешқадам буданд (шабакаҳои шамолдиҳӣ, равонҳо, айвонҳо ва ғайра) аз сабаби ба талаботи гигиенӣ ва индустриалӣ мувофиқ набуданашон дар хонаҳои истиқоматии ҳозира амалан истифода бурда намешаванд. Инчунин баръакс, дар амалияи истиқоматӣ дар шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон хусусиятҳои расмии эстетикии меъмории миллии гузашта, ки «ғайри таҷрибаи пешқадам» ҳисоб мешуданд, бештар истифода мешаванд.

Амалия нишон медиҳад, ки бо биноҳои гуногун барои хизматрасонӣ ба аҳолӣ ё дигар соҳаҳои фаъолияти инфиродии одамон - савдо, маориф, тарбия, тиб, идоракунӣ ва иқтисодиёт якҷоя кардан ногузир аст. Дар хонаи усто дар байни квартира ва ҷои кор иҷрои меҳнат алоқаи дигар дар шакли гузаргоҳ ба бинои тобистонии манзил муқаррар карда мешавад.

Манзилҳои ҳамҷояшуда ё бо роҳи пайваст кардани блок бо биноҳои истифодашаванда, устохонаҳои косибӣ ё ба манзил тавассути айвон, галерея ё гузаргоҳи пӯшида дар манзили усто байни ҳуҷра ва коргоҳ дар шакли гузариш ба қисми тобистонии манзил алоқаи дигар таъмин карда мешавад.

Дар бахши алоҳида таҷрибаи рушди шаҳракҳои хурд дар солҳои 60-90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI, ки дар шимоли Тоҷикистон рушди босуръати шаҳракҳо ҳамчун манотиқи саноатӣ-иқтисодӣ ба мушоҳида мерасид, бо рушди комплекси истеҳсолии шимоли (МОИ «Суғд») замина гузоштанд. Дигаргуниҳои назарраси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар солҳои истиқлолият ба вуқӯъ пайвастанд, имкон дод, ки манотиқи саноатии мутараққӣ ба таври васеъ бартараф карда шаванд, ки ба афзоиш ва рушди шаҳрҳои хурд таъсир расониданд.

Таҳқиқи гузаронидаи муаллиф имкон дод, ки шаҳрҳои хурд дар заминаи азхудкунии сарватҳои табиӣ (Истиқлол, Гулистон, Бӯстон) ба вуҷуд омадаанд.

Динамикаи дигаргуниҳои миқдорӣ ва сифатӣ дар оила бояд барои тартиб додани равандҳои типологии ташкили ҳуҷраҳои истиқоматӣ, квартираҳо ва хонаҳои истиқоматӣ асос гардад. Омӯхтани таркиби демографии оилаҳое, ки дарояндаи наздик кӯчонда мешаванд, бояд асоси тарҳкашии навъҳои ҳозиразамони манзил гардад. Гузаштан ба марҳилаи нави тараққиёти саноат, ташаккули иқтисодиёти мутараққӣ муаммоҳои таъхирнопазири ташаккули манзилро таҳқиқ мекунад.

Дар зербоби чоруми боб хулосаҳои умумӣ оварда шудаанд.

## Хулоса

Дар натиҷаи таҳқиқоти биноҳои истиқоматӣ аз асри XX то ибтидои асри XXI дар шаҳрҳои хурд ва маҳаллаҳои навъи шаҳрии шимоли Тоҷикистон дар ноҳияҳои кӯҳӣ, доманакӯҳ ва водиҳои он маводҳои муҳимми аслӣ ба даст оварда шуданд, ки дар асоси таҳлили қарорҳои тарҳрезӣ ва хусусиятҳои ташаккули воҳидхои истиқоматӣ дар Узбекистон ва Тоҷикистон намуди махсуси манзил (ҳам шаҳр ва ҳам деҳот) муайян карда шавад. Ин намуди манзил, ки барои шаҳракҳои хурди минтақаи таҳқиқшаванда хос аст, ҳамчун фосилавии байни хонаҳои деҳот ва шаҳрӣ тавсиф карда мешавад, ки ҳам бароҳатии манзили шаҳрӣ ва ҳам бинои истиқоматии намуди ҳавлиро дар бар мегирад, ки бо муҳити табиӣ тавассути ҳавлӣ, боғ ва унсури ташкили ободонӣ ва ландшафтҳои ҳудудҳо алоқаманд аст.

Илова бар ин, манзили истиқоматии шаҳрак бо тақсимоти функсионалии ҷойҳои истиқоматӣ аз рӯи ҳаҷми мобайнии айвон - як

фазои бисёртаъинота, ки ҳамчун айвони тобистона, даҳлези тақсимкунанда ва ошхона хидмат мекард. Таҳқиқи амиқи меъмории асримиёнагӣ ва муосири (давраи нав) шимоли Тоҷикистон бо тамоми зуҳуроташ ба гузаштаи халқи мо таваҷҷуҳ карда, анъанаҳои сохтмони меъморони аҳди бостон, навъхои нави манзил, таъиноти ҷамъиятию маиширо, ки то ин замон номаълум буд, ошкор мекунад. Бешубҳа, ин на танҳо аз лиҳози маърифатӣ, балки аз нуқтаи назари эҷодкорона дарк намудани анъанаҳои таърихӣ дар меъмории муосир ва хусусиятҳои шахрсозии ШХШТ ҳам муҳим аст.

**Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия**

1. Маълумоти меъморӣ – таърихӣ ва бостоншиносӣ оид ба ташаккули биноҳои истиқоматии ШХШТ вобастагии қисмҳои таркибии манзилро аз шароитҳои таърихӣ- шаҳрсозӣ, фарҳанги манзилдорӣ, касбу кор, шароити иҷтимоии сокинон, инчунин хусусиятҳои фарқкунандаи меъмории манзилҳои ҳавлидорро нисбати биноҳои истиқоматии истифодаи умум муайян намуд. [1-М; 3-М; 4-М].

2. Дар манзили анъанавӣ айвон ва меҳмонхона мавқеи хосро ишғол намуда, дар асрҳои XIX-XX бошад, онҳо ҷузъи ҳатмии ҳавлӣ маҳсуб меёфтанд. Дар ин давра бо тақозои шароити иқлимию табиии Осиёи Миёна, махсусан ШХШТ айвон хусусияти истифодаи бисёртаъинотаро касб намуд. [14-М; 15-М].

3. Аз замонҳои қадим ҳамоҳангӣ ва робитаҳои халқҳои Осиёи Миёна бо ҳамгироии анъана ва фарҳанг ба сохтмон ва меъмории манзилҳои истиқоматӣ таъсир карда, заминаи боэътимоди навовариҳо дар меъморӣ ва шаҳрсозии шимоли Тоҷикистон гардид [8-М, 16-М].

4. Вобаста ба хусусиятҳои ташаккули сохтори меъморию тарҳкашӣ шаҳракҳои шимоли Тоҷикистонро аз рӯи бузургиашон ба 3 гурӯҳ тақсим мекунанд[4-М, 5-М, 7-М]:

- то 10 ҳазор нафар аҳолӣ; - шаҳрҳои хурд;
- аз 10 то 20 ҳазор нафар, - шаҳракҳои миёна (Гулистон, Истиқлол ва Бӯстон);
- аз 20 то 50 ҳазор нафар. - шаҳракҳои калон (шаҳрҳои миёнаи Исфара ва Конибодом, инчунин маҳаллаи намуди шаҳрии Навкат ва Шайдон).

5. Инкишофи ШХШТ дар шаклҳои гурӯҳии танзим барои онҳо бартариҳои зеринро ба вуҷуд меорад [13-А, 15-А, 27-А]:

- рушди бахши агросаноатӣ[13-А];
- имконияти муттаҳид намудани муассисаҳои хизмати маданию маишӣ ба аҳолии ШХШТ бо ҳар се зинаи хизматрасонӣ [19-А];

- имконияти таъмини шуғли пурраи захираҳои меҳнатии озод, рушди соҳибкории хурду миёна[14-А];

- тадриҷан табдил додани маҳаллаҳои хурди аҳолинишин аз мавзеи мутамарказ ба унсурҳои сохтори ба вуҷуд омадаистодаи аҳолинишин (тараққиёти истеҳсолот дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ) [27-А];

- мустаҳкам намудани алоқаҳои байни манотиқи аҳолинишин (робитаҳои ғайримавсимии нақлиётӣ) [18-А];

- танзими вазифаҳо дар байни ҷамоатҳо, ташкили шаҳру маҳаллаҳои махсусгардонидашуда (маҷмааҳои кишоварзӣ, маориф, туризм, истеҳсолоти саноат ва ғайра) бо шаҳри маркази низоми аҳолинишин;

- ҳамоҳанг намудани вазифаҳои шаҳракҳои хурд, рушди маҳаллаҳои серсоҳа (маҷмааи хоҷагии деҳот, идоракунӣ, маориф, ҳунармандӣ ва ғайра);

-ба сифати ҳамоҳангии марказҳои маҳаллӣ (марказҳои ноҳиявӣ, ки ҷамоатҳои деҳотро муттаҳид менамояд) рушди маҳалҳои хурди алоҳида [2-М; 5-М].

6. Аксарияти ШХШТ марказҳои хизматрасонии маданӣ-маишӣ ба аҳолии ноҳияҳои агросаноатӣ буда, дар маҳалҳои аҳолинишини навъҳои гуногуни ҳам таърихӣ (Исфара, Конибодом, Гулистон, Шайдон, Ғончӣ) ва ҳам ба наздикӣ барпо карда шудаанд (маҳаллаҳои навъи шаҳрии Бустон ва Зафаробод), ҷойгир шудаанд [1-М; 7-М].

7. Ташаккули биноҳои истиқоматии ШХШТ дар асри XX якчанд марҳилаи роҳи таърихии рушдро паси сар кард, ки ба чор марҳила тақсим мешаванд [13-А]:

-марҳилаи пеш аз ҷанг (1917-1941);

-марҳилаи даҳсолаи баъдиҷанг (1945-1955);

- мархилаи меъмории муосир (солҳои 1960-1990);

- марҳилаи чоруми (нотамом) меъмории навтарин (1991 – солҳои 20-уми асри XXI).

8. Марҳилаи сеюм боз ба се давраи хронологӣ бо хусусиятҳои хоси инкишофи худ ҷудо мешавад[13-А]:

- охири солҳои 1950-60-ум;

- охири солҳои 1960-70-ум;

- солҳои 80-ум-ибтидои солҳои 1990-ум.

9. Дар меъмории муосири манзили ШХШТ самти нисбатан нави «меъмории ташаббуси маҳаллӣ» ба вуҷуд омадааст [7-А].

10. Равобити бисёрҷонибаи таърихӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Шарқи Наздик заминаи устуворро барои ташаккули навоварӣ, махсусан дар меъмории манзили ШХШТ гузошт [8-М; 9-М].

11. Манзили ШХШТ асосан бо мансубияти мактаби меъмории Фарғона рабт дорад, ки ба нақшагирии озод ва пайвастани он бо муҳити табиии гирду атрофи ҳавлию боғ хос аст [11-М; 12-М].

12. Сохтори тарҳрезӣ ва ҳаҷму фазои манзили ШХШТ бо маҳдуд будан бо куча ва қитъаҳои ҳамшафат ва ҳамоҳангии қисматҳои кушода (айвон) бо ҳуҷраҳои пӯшидаю нимпӯшида нисбати ҳавлӣ асос ёфтааст [4-М; 6-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Дар шароити ШХШТ ҳамоҳангии бунёди маҷмааҳои истиқоматии навъ ва ошёнаашон гуногунро аз лиҳози демографию эстетикӣ ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст.

2. Зимни бунёди биноҳои истиқоматӣ вобаста ба шароити иқлими шимоли Тоҷикистон талаботҳои зерин бояд риоя карда шаванд;

- хусусиятҳои таркибӣ ва типологии тарроҳии биноҳои истиқоматӣ дар шароити гарм ва хушк ин тарҳи яклухти айвон ва фазои баланди ҳуҷра бо умқи зиёд ва дар шакли конверт ҷойгир бошад;

- истифодаи бомҳои ҳамвор ва ғайра таҷрибаи санҷидашудаи ҳазорсолаҳои меъмории халқӣ ҳисобида мешавад, он дар зимистон дар дохили биноро нисбат ба шимол 4-5 дараҷа гарм нигоҳ медорад, давраи гармкунӣ то 1 моҳ кам мешавад ва истифодаи майдонҳои кушодро метавон то 1-2 моҳ зиёд намуд.

3. Таҷдиди ШХШТ ташаккули сохтори меъморӣ, шаҳрсозӣ дар заминаи давомёбии анъанаҳои ғании таърихӣ, ҳифзи асолати бойи гузашта ва вижагиҳои маҳаллӣ пешниҳод карда мешавад.

4. Рушди дурнамои ШХШТ омилҳои зеринро бояд фаро гирад:

-гузариш ба ташаккули манзилҳои истиқоматии ба талаботи шаҳрҳои хурд ҷавобгӯ;

-инкишофи марҳила ба марҳилаи биноҳои истиқоматӣ аз маҷмааҳои муосир то муҳити истиқоматии ҳамоҳанг бо табиати нотакрор (мисоли шаҳракҳои доманакӯҳи Шайдон ва Ғончӣ).

5. Биноҳои камошёнаи ШХТШ аз рӯи ҳаҷми қитъаҳо ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

- бинои истиқоматии якквартирадори масоҳаташ аз 300 то 1000 м$^2$;

- биноҳои истиқоматии дуҳуҷрагӣ бо масоҳати то 200 м$^2$;

- биноҳои бисёрквартираи дуошёна бо қитъаҳои хурд бо масоҳати 100-150 м$^2$.

6. Талаботи иҷтимоии рушди манзилҳои истиқоматии ШХШТ бояд хусусиятҳои зеринро фаро гирад:

-нуфуз ва ҳайъати оилаҳо, талаботи демографӣ, масъалаҳои ҷинсию синнусолӣ ва марҳилаҳои зисту зиндагии сокинон;

-хусусият ва эҳтиёҷи қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ бо мақсади беҳдошти шароити истиқомат;

-хусусиятҳои касбукорӣ, истироҳат, зисту зиндагӣ дар шароити муайяни иқлимию табиӣ, шаҳрсозӣ ва анъанаҳои миллӣ;

-афзоиши бомароми аҳолӣ, талаботи онҳо, таъғирёбии тарзи зисту зиндагӣ ва касбу кор.

7. Меъморони тоҷик, аз ҷумла дар шимоли Тоҷикистон, ки тарҳи манзилҳои истиқоматиро барои шаҳрҳои хурд таҳия мекунанд, бояд ба ҷанбаҳои мусбати меъмории манзилҳои мардумии маҳаллӣ такя кунанд, ки муттасилии заруриро дар ташкили муҳити зист таъмин намуда, ба манзили муосир, ки ба меъмории халқӣ хос буда, динамизми шаклҳои меъмории хонаҳои чоргӯша, асимметрия ва зебоманзарии ҳалли тарҳӣ хусусият ва фардият мебахшад, такя намоянд.

8. Барои ба меъмории воқеъии ШХШТ наздик кардани фарзияҳои умумии назариявӣ дар бораи омилҳои миллӣ ва минтақавӣ зарур аст:

- ба ташкили фазоӣ муҳити зист ва унсурҳои сохтории он диққати хос диҳанд;

- дар ифода намудани анъанаҳои фарҳанги маҳаллӣ ва ҳувияти минтақавӣ замина гузорад.

**Мазмуни асосии рисола дар нашрияҳои зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

*Мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ:.*

[1-М] **Зокиров, Р.Ш.** Типология городов Северного Таджикистана позднего средневековья и Нового времени [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Муаррих –Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. №3. -С.56-64, ISSN:2709-7382.

[2-М] **Зокиров, Р. Ш.** Анъанаҳои меъморӣ дар бунёди манзилҳои истиқоматии Шимоли Тоҷикистон (асри XIX – ибтидои асри XX). [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Муаррих – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. №4(32). -С.74-84, ISSN: 2709-7382.

[3-М] **Зокиров, Р. Ш.** Хусусияти инкишофи биноҳои истиқоматии шаҳрҳои миёнаи таърихии шимоли Тоҷикистон дар асри XX [Матн] / Р. Ш. Зокиров, С. Р. Мукимова, // Паёми политехникӣ. – Душанбе: ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 2023. №1 (61), -С. 150-157, ISSN: 2520-2227.

[4-М] **Зокиров, Р. Ш.** Биноҳои истиқоматии шаҳракҳои таърихии шимоли Тоҷикистон дар асри XX. [Матн] / Р.Ш. Зокиров. // Паёми Донишгоҳи Миллии Точикистон, Силсилаи илмҳои ҷамъиятӣ, –Душанбе, 2023. №5. Нашриёти “Сино” -С.146-154, ISSN 2074-1847.

[5-М] **Зокиров, Р. Ш.** Муҳити зисти шаҳракҳои таърихии Тоҷикистони шимолӣ дар асрҳои XVI-XX. [Матн] / М.У. Шерматов, Р. Ш. Зокиров //Паёми Донишгоҳи Давлатии омузгории Тоҷикистон, бахши илмҳои таърих ва ҷомеъашиносӣ, - Душанбе: Нашриёти «Маъво», №2 2023 -С. 142-151. ISSN 2219-5408.

[6-М] **Зокиров, Р. Ш.** Мавқеи манзилҳои инфиродӣ дар ташаккули муҳити зисти шаҳракҳои Шимоли Тоҷикистон. [Матн] / Р. Ш. Зокиров, Р.С. Мукимов // Паёми политехникӣ. Силсилаи таҳқиқоти муҳандисӣ, - Душанбе: ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 2023, №2 (62). -С. 176-183, ISSN: 2520-2227.

[7-М] **Зокиров, Р. Ш.** Суннатҳои меъмории манзили шаҳраки Ғончӣ дар асрҳои XIX -ибтидои XX/ Р.Ш. Зокиров [Матн] // Паёми Донишгоҳи Миллии Точикистон, Силсилаи илмҳои ҷамъиятӣ, - Душанбе: Сино №7. 2023, -С.146-154, ISSN 2074-1847.

[8-М] **Зокиров, Р.Ш.** Аз таърихи меъмории манзили истиқоматӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX-и Шимоли Тоҷикистон. [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Муаррих–Душанбе: Ганҷи хирад, 2023. №4 (36). -С. 58-70, ISSN: 2709-7382.

[9-М] **Зокиров, Р. Ш.** Инъикоси талаботи иҷтимоӣ дар ҳалли меъмории манзилҳои инфиродии шаҳракҳои Шимоли Тоҷикистон. [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Паёми политехникӣ, бахши таҳқиқоти муҳандисӣ -

Душанбе: ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 2023, №3 (63). -С. 118-125, ISSN: 2520-2227.

[10-М] **Зокиров, Р. Ш.** Равандҳои ташаккули меъмории манзилҳои истиқоматии аз нав бунёдшаванда дар шаҳракҳои хурди таърихӣ. [Матн] / Р.Ш. Зокиров //Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, - Душанбе, №1, 2024, -С.33-37, ISSN 2074-1847

[11-М] **Зокиров, Р. Ш.** Нигоҳе ба таърихи фарҳанги манзили тоҷик. [Матн] / Р.Ш. Зокиров //Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, - Душанбе: Нашриёти Сино, №4, 2024, -С.64-70, ISSN 2074-1847

[12-М] **Зокиров, Р. Ш.** Мавқеи анъанаҳои меъмории халқӣ дар рушди шаҳракҳои бостонӣ / Р. Ш. Зокиров // Паёми политехникӣ: таҳқиқоти муҳандисӣ -Душанбе: ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 2024, №2 (68). -С. 171-177, ISSN: 2520-2227.

[13-М] **Зокиров, Р. Ш.** Руҷӯе ба таърихи фарҳанги манзилдории тоҷик / Р. Ш. Зокиров // Муаррих: Ганҷи хирад –Душанбе, 2024. №3 (39). -С. 138-155, ISSN: 2709-7382.

[14-М] **Зокиров, Р. Ш.** Баъзе заминаҳои ташаккули муҳити зисти шаҳрӣ (дар мисоли Шимоли Тоҷикистон дар асри XX// Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, - Душанбе: Нашриёти “Сино”, №10, 2024, -С.97-103, ISSN 2074-1847.

***Мақолаҳо дар маҷмуаҳои конференсияҳо ва дигар нашрияҳо:***

[15-М] **Зокиров, Р.Ш.** Городские поселений Северного Таджикистана во второй половине XIX - XX вв. [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ “Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон: дирӯз, имрӯз, фардо”, ДТТ ба номи М.С.Осимӣ. –Душанбе, 24-25 ноября 2022 г. том 2, –С. 24-28.

[16-М] **Зокиров, Р.Ш.** Социально-демографические предпосылки формирования жилища в XX веке (на примере МГСТ). [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конф. байнал.“Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон”, ДТТ ба номи М.С.Осимӣ. –Душанбе, 24-25 ноября 2022 г. том 2, -С.28-32.

[17-М] **Зокиров, Р.Ш.** Традиционное жилище Северного Таджикистана конца XIX в. [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конф. байнал. илмӣ-амалӣ “Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон: дирӯз, имрӯз, фардо”, ДТТ ба номи М.С.Осимӣ. – Душанбе, 24-25 ноября 2022 г. том 2, -С.32-35.

[18-М]. **Зокиров, Р.Ш.** Рисолати шаҳракхои бостонӣ-ҳифзи анъанаҳои меъморӣ. [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конф. байналмиллалии“ Рушди меъморию сохтмон дар ҶТ”, ДПДТТ. – Хуҷанд, 2023, -С.48-51.

[19-М] **Зокиров, Р.Ш.** Заминаҳои стратегии рушди масоили манзил. [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конф. байналмиллалии “ Рушди меъморию сохтмон дар ҶТ”, ДПДТТ. – Хуҷанд, 2 июни 2023, -С.51-56.

[20-М] **Зокиров, Р.Ш.** Анъана ва навоварии манзилҳои шахсӣ дар шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон. [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конф. байналмиллалии илмӣ-амалӣ "Рушди меъморию сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ДПДТТХ. – Хуҷанд, Нашриёти "Ношир" 2 июни 2023 , -С.56-60.

[21-М] **Зокиров, Р.Ш.** Лоиҳакашӣ ва бунёди манзилҳои миёнаошёна заминаи рушди шаҳракҳо [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Муаммо ва самтҳои асосии рушди саноати сабук", ДПДТТХ. – Хуҷанд, 29 майи 2021 с. –С. 61-67.

[22-М] **Зокиров, Р.Ш.** Анъана ва навовариҳо дар манзилҳои шаҳрҳои хурд бунёдшаванда [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Муаммо ва самтҳои асосии рушди саноати сабук", ДПДТТХ. – Хуҷанд, 29 майи 2021 с. –С. 61-67.

[23-М] **Зокиров, Р.Ш.** Особенности архитектуры индивидуальной жилище Согдийской области [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Рушди саноатигардонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ДПДТТХ. – Хуҷанд, 29 апрели 2022 с. -С 334-342.

[24-М] **Зокиров, Р.Ш.** Некоторые вопросы архитектуры жилищ Северного Таджикистана [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конференсияи ҷумҳуриявӣ "Масъалаҳои мубрами меъморӣ ва сохтмон" ДПДТТХ. – Хуҷанд, 21 апрели 2023 с. -С 50-52.

[25-М] **Зокиров, Р.Ш.** Традиции и особенности формирования современного сельского национального жилища [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Масъалаҳои мубрами меъморӣ, сохтмон ва нақлиёт" ДПДТТХ. – Хуҷанд, 21 апрели 2023. -С 52-56.

[26-М] **Зокиров, Р.Ш.** Традиции в народном зодчестве Северного Таджикистана [Матн] / Р. Ш. Зокиров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Масъалаҳои мубрами меъморӣ, сохтмон ва нақлиёт" ДПДТТХ. – Хуҷанд, 21 апрели 2023.-С 56-59.

[27-М] **Зокиров, Р.Ш.** Вижагиҳои муҳити истиқоматии шаҳрҳои хурд [Матн] /Р.Ш. Зокиров // Маводҳои конфронси XI-уми илмӣ-амалӣ «Дурнамои рушди илм ва маориф дар асри XXI» -– Хуҷанд: ДПДТТХ. 20 апрели 2024. - С.56-61.

[28-М] **Зокиров, Р.Ш.** Заминаҳои иҷтимоии инкишофи инфрасохтори истиқоматии шаҳракҳо [Матн] / Р.Ш. Зокиров // Маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ «Дурнамои рушди илм дар асри XXI» -– Хуҷанд: ДПДТТХ. 20 апрели 2024, -С.61-65.

[29-М] **Зокиров, Р.Ш.** Влияние климатических факторов на формирование населенных мест [Матн] / Р. Ш. Зокиров, А. А. Каюмов // Международный научный журнал «Интерактивная наука», ISSN 2414-

9411 2020, №1 (47), - Чебоксары, МЦНС «Наука», -С. 36-37. DOI 10.21661/r-529547.

[30-М] **Зокиров, Р.Ш.** Принципы функционально планировочного зонирования жилищ малых городов Таджикистана [Матн] / Р. Ш. Зокиров, Б.В. Нормуротов // Международный научный журнал «Интерактивная наука», 2020, №1 (47), - Чебоксары, МЦНС «Наука», ISSN 2414-9411 -С. 34-35. DOI 10.21661/г -519499.

[31-М] **Зокиров, Р.Ш.** Градостроительные требования к архитектуре жилой среды малого города [Матн] / Р. Ш. Зокиров, // Международный научный журнал «Интерактивная наука», - Чебоксары, МЦНС «Наука», ISSN 2414-9411, №2 (88) 2024, DOI 10.21661/r-561803, -С. 45-47.

[32-М] **Зокиров, Р.Ш.** Архитектурно-планировочные проблемы жилищ малых городов Северного Таджикистана [Матн] / Р. Ш. Зокиров, М. Аминзода // Международный научный журнал «Интерактивная наука» - Чебоксары: МЦН «Наука», ISSN 2414-9411, №2 (88) 2024, DOI 10.21661/r-561802, -С.47-49.

[33-М] **Зокиров, Р.Ш.** Архитектура жилища малых исторических городов Северного Таджикистана [Матн] / Р. Ш. Зокиров, З. Олимзода // Международный научный журнал «Флагман науки», №3(14) 2024, -С. 17-20. ISSN 2949-1991, - СПб, DOI 1 0.37539/2949-1991.2024.3.14.002

[34-М] **Зокиров, Р.Ш.** Архитектура реконструируемых жилых домов малых исторических городов [Текст] / Р. Ш. Зокиров, // Межд. журнал «Флагман науки», №3(14) 2024, -С. 15-17. ISSN 2949-1991 - СПб, DOI 10.37539/2949-1991.2024.3.14.006

[35-М] **Зокиров, Р.Ш.** Интерпретация архитектуры жилищ малых городов XX и начала XXI века (на примере Северного Таджикистана) [Матн] / Р.Ш. Зокиров //Сборник материалов II Всероссийской научно-практической конференции с международным участием «Современная наука и образование: выбор будущего». -Чебоксары: 14 ноября 2024 г. -С.223-226.

[36-М] **Зокиров, Р.Ш.** Народная архитектура горных поселений Северного Таджикистана (на примере долины Ягноб) [Матн] / Р.Ш. Зокиров, А.А. Маннонов //Сборник материалов II Всероссийской научно-практической конференции с международным участием «Современная наука и образование: выбор будущего». –Чебоксары. 14 ноября 2024 г. -С.226-229.

# АННОТАЦИЯ

**диссертации Зокирзода Рахимджона Шарифа на тему «Формирование архитектуры жилых зданий в малых исторических городах Северного Таджикистана в XX –начале XXI вв» на соискание ученой степени кандидата архитектуры по специальности 05.23.00 – Строительство и архитектура (05.23.20 – «Теория и история архитектуры, реставрация и реконструкция историко-архитектурного наследия)»**

**Ключевые слова:** жилище, малый город, жилых зданий, исторический город, градостроительство, климат, благоустройство, Северный Таджикистан, Худжандская агломерация.

**Объект исследования.** архитектурно-планировочное решение малых городов Северного Таджикистана (МГСТ), их традиционные жилые образования на уровне квартальной застройки, жилых групп и отдельных жилищ с их строительной культурой.

**Цель исследования**– изучение и формирование архитектуры жилых домов с целью выявления положительных традиции и их применения в строительстве малых городов Северного Таджикистана.

**Полученные результаты и их новизна:** произведена общая типологическая классификация жилых построек на территории исследованных поселений МГСТ; выявлен ряд архитектурно-конструктивных приемов; впервые жилища МГСТ исследуются на комплексных историко-архитектурных сведениях, в материалах, выявленных в архитектурной, исторической, археологической и этнографической научной литературе; предпринята успешная попытка определить этапы формирования жилища МГСТ, в частности Худжанда как центра агломерации, Бустона, Гулистона, Гафурова, Исфара, Канибадам, Пенджикент и ПГТ Шайдона, Навкат, Зафарободa, Бустона, Ганчи и Мехробода в социологическом и градостроительном аспектах; дополнена разработка вопросов специфики формирования и типологии жилища в социальной значимости; намечены пути дальнейшего научного исследования жилищной среды МГСТ.

**Степень использования:** результаты научных исследований и теоретические выводы внедрены в ООО «Суғдшаҳрофар» и ООО «Бунёди манзил»; в учебный процесс для подготовки учебных программ, курсовое и дипломное проектирование Худжандского политехнического института ТТУ им. акад. М.С.Осими по архитектурной специальности.

**Область применения:** при разработке генеральных планов и ПДП малых городов и ПГТ Таджикистана, а также в учебном процессе высших архитектурно-строительных учебных заведений.

# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Зокирзода Раҳимҷон Шариф дар мавзӯи «Ташаккули меъмории биноҳои истиқоматӣ дар шаҳракҳои хурди таърихии шимоли Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI» барои дарёфти унвони илмии номзади илми меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.20 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.20 – Назария ва таърихи меъморӣ, тармим ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ).**

**Калидвожаҳо:** манзил, шаҳраки хурд, биноҳои истиқоматӣ, шаҳри таърихӣ, шаҳрсозӣ, иқлим, ободонӣ, Тоҷикистони Шимолӣ, агломератсияи Хуҷанд.

**Объекти омӯзиш:** ҳалли меъморию тарҳкашии шаҳракҳои хурди шимоли Тоҷикистон (ШХШТ), биноҳои истиқоматии анъанавии онҳо дар дараҷаи ободонии маҳаллаҳо, гурӯҳҳои истиқоматӣ ва хонаҳои инфиродӣ бо маданияти сохтмони онҳо.

**Мақсади таҳқиқот:** омӯхтан ва тартиб додани меъмории биноҳои истиқоматӣ бо мақсади муайян намудани анъанаҳои мусбат ва татбиқи онҳо дар сохтмони шаҳракҳои шимоли Тоҷикистон мебошад.

**Натиҷаҳои бадастомада ва навоварии онҳо:** таснифоти умумии типологии биноҳои истиқоматӣ дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишини ШХШТ мавриди омӯзиш қарор дода шуд; як қатор усулҳои меъморию конструктивӣ муайян карда шудаанд; аввалин бор манзилҳои истиқоматии ШХШТ дар асоси маълумоти ҳамаҷонибаи таърихию меъморӣ, дар маводди дар адабиёти илмии меъморӣ, таърихӣ, археологӣ ва этнографӣ муайяншуда омӯхта мешаванд; кӯшиши бомуваффақият муайян кардани марҳилаҳои ташаккули манзили ШХШТ, аз ҷумла шаҳри Хуҷанд ҳамчун маркази агломератсия, Бӯстон, Гулистон, Ғафуров, Исфара, Конибодом, Панҷакент ва маҳаллаҳои шаҳраки Шайдон, Навкат, Зафаробод, Бӯстон, Ғончӣ ва Меҳробод дар ҷанбаҳои сотсиологӣ ва шаҳрсозӣ; кор карда баромадани масъалаҳои хусусияти ташаккул ва типологияи манзили дорои аҳамияти иҷтимоӣ пурра гардид; роҳҳои таҳқиқоти минбаъдаи илмии муҳити манзили ШХШТ нишон дода шудаанд.

**Дараҷаи истифода:** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои назариявӣ дар ҶДММ «Суғдшаҳрофар» ва ҶДММ «Бунёди манзил» татбиқ карда шуданд; дар раванди таълим оид ба таҳияи барномаҳои таълимӣ, лоиҳаҳои тахассусӣ ва тарҳрезии рисолаи хатми донишҷӯёни Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, ихтисоси меъморӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

**Доираи татбиқ:** дар таҳияи накшаҳои кулли шаҳрҳои хурд ва миёнаи Тоҷикистон, инчунин дар раванди таълим дар муассисаҳои таълимии олии меъморӣ ва сохтмонӣ.

# ANNOTATION

**dissertation by Zokirzjda Rahimjon Sharif on the topic "Formation of the architecture of residential buildings in small historical towns of Northern Tajikistan in the 20th and early 21st centuries" for the degree of candidate of architecture in specialty 05.23.00 Construction and architectura (05.23.20 – Theory and history of architecture, restoration and reconstruction of historical and architectural heritage).**

**Key words:** housing, small town, residential buildings, historical city, urban planning, climate, improvement, Northern Tajikistan, Khujand aglomeration.

**Object of study:** architectural and planning solution of small towns of Northern Tajikistan (STNT), their traditional residential formations at the level of block development, residential groups and individual dwellings with their construction culture.

**The purpose of the study:** is to study and formulate the architecture of residential buildings in order to identify positive traditions and their application in the construction of small towns in Northern Tajikistan.

**The results obtained and their novelty:** a general typological classification of residential buildings on the territory of the studied STNT settlements was made; a number of architectural and constructive techniques have been identified; for the first time, STNT dwellings are studied on the basis of comprehensive historical and architectural information, in materials identified in architectural, historical, archaeological and ethnographic scientific literature; a successful attempt was made to determine the stages of the formation of STNT housing, in particular Khujand as the center of the agglomeration, Buston, Guliston, Gafurov, Isfara, Kanibadam, Penjikent and the urban settlements of Shaidon, Navkat, Zafaroboda, Buston, Ganchi and Mehroboda in sociological and urban planning aspects; the development of issues of the specifics of the formation and typology of housing in social significance has been supplemented; ways for further scientific research of the housing environment of STNT are outlined.

**Extent of use:** the results of scientific research and theoretical conclusions have been implemented in LLC Sughdshahrofar and LLC Bunyodi Manzil; in the educational process for the preparation of educational programs, coursework and diploma design of the Khujand Polytechnic Institute TTU named after. acad. M.S. Oshimi, majoring in architecture.

**Scope of application:** in the development of master plans and RAPs of small cities and urban settlements of Tajikistan, as well as in the educational process of higher architectural and construction educational institutions.

Подписано к печати  10.06.2025 г.
Формат 60x84/16. Гарнитураи Times New Roman
Бумага офсетная. Тираж 100 экз.
Отпечатано в типографии ТТУ имени академика М.С.Осими
г. Душанбе, 734042, проспект академиков Раджабовых, 10а

Ба чоп 10.06.2025 с. иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84/16. Гарнитураи Times New Roman
Қоғази офсетӣ. Теъдоди нашр 100 нусха.
Нашриѐти ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ
ш. Душанбе, 734042, хиѐбони академик Раҷабовҳо, 10а